# ҲУМОЮН БОД, ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИК!

*ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД*



# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

**НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ** * * * * **№ 8 (188) 5-УМИ СЕНТЯБРИ СОЛИ 2023, СЕШАНБЕ**



**Илму дониш аз замонҳои хеле қадим то даврони мо неруи асосӣ ва воситаи пешбарандаи ҳар як ҷомеа, аз ҷумла Тоҷикистони мо ба ҳисоб меравад.**

**Ҳадафи асосии давлат ва Ҳукумати мамлакат аз таваҷҷуҳи хосса ба соҳаи илму маориф аз он иборат аст, ки сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ баланд бардошта, насли оянласози кишвар бо фаро гирифтани илму дониши муосир барои рушди минбаъдаи иҷтимоиву иқтисодии Ватани хеш, пешрафти давлат ва ҳифзи марзу буми сарзамини аҷдодӣ омода карда шавад.**

**Бори дигар хотиррасон месозам, ки омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла, англисиву русӣ дар муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳо бидуни истисно ҳатмӣ мебошад.**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бойи зеҳнӣ ва неруи инсонӣ мебошад. Бинобар ин, давлат ва Ҳукумати мамлакат тамоми чораҳоро меандешад, ки ин неруи инсонӣ соҳибкасбу бомаърифат ва мутахассиси замони муосир бошад.**

Эмомалӣ РАҲМОН

Соли равон аз замони ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ватани азизамон, ки аз арзишмандтарин дастовард, бузургтарин неъмат ва беназиртарин сарвати миллати сарбаланду тамаддунофар ва фарҳангсолори тоҷик дар интиҳои садсолаи гузашта маҳсуб меёбад, 32 сол пур мешавад.

Бо қаноатмандӣ ва шукргузорӣ изҳор медорем, ки дар дарозои 32 соли сипаришуда Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд роҳи пуршебу фароз ва басо пурифтихореро тай намуда, сокинони сарбаланду меҳнатқарин, ватандӯсту ободкори кишвар бо дастгирӣ ва пуштибонии амиқ аз сиёсати ҳадафмандонаву бобарор ва дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастовардҳои бузурги меҳнатӣ ва истеҳсолӣ ноил гаштанд.

Бо шукргузорӣ аз самараву баракати Истиқлоли давлатӣ, дар натиҷаи ибтикороти пайвастаи Ҳукумати мамлакат дар роҳи эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд, таҳкими давлатдории миллӣ, таъмини шароити зиндагонии арзандаи сокинони кишвар, сулҳу ваҳдати комил, боло бурдани сатҳи некуаҳволии мардум, таъмини рушди устувори соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, амалишавии ҳадафҳои стратегии кишвар, бунёди ҷомеаи адолатпарвар ва боло бурдани мақому манзалати Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ корҳои бузург амалӣ шуда истодаанд.

Моро зарур аст, ки бо дарназардошти вазъи мураккаби ҷамъиятию сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ, таъсири паёмадҳои ногувори раванди ҷаҳонишавӣ ва таҳаввулоти босуръат тағйирёбандаи замони муосир беш аз ҳар вакти дигар атрофи сиёсати бобарори Пешвои муаззами миллат муттаҳид гашта, ҷиҳати таҷлили сазовори бузургтарин ҷашнвораи миллӣ – 32 солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боз ҳам ободу пешрафта гардонидани он самаранок меҳнат кунем ва ба корҳои созандагиву бунёдкорӣ рӯй биёрем.

Хоҳишмандам, самимитарин паёми шодбошӣ ва номаи табрикотии инҷонибро бо як ҷаҳон таманниёти нек ва садоқати афзун ба ифтихори таҷлили ҷашни бошукӯҳи 32-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бипазиред.

**Декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент Мирзозода П.З.**

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД
МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Эмомалӣ МИРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
**Муҳаррир:**
**Некрӯз САФАРЗОДА**
**Таррох:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Мирзозода П.З.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Раҳимзода М.С.**
муовини декан оид ба илм ва инноватсия;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.**
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АМИТ;
**Ватанзода М.М.**
Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Хушвахтзода Қ.Х.**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори ДМТ.
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори ДДК ба номи А. Рӯдакӣ.
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИТ.
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.
Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.

Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 907-67-20-20
(+992) 939-25-98-28
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Миралӣ Собир**

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН

Санаи 25 августи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати анҷом додани сафари корӣ ба Ҷумҳурии Қазоқистон сафар карданд.

Сафари кории Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 25-26 август дар Ҷумҳурии Қазоқистон идома ёфт.

Зимни ин сафар мулоқоти сатҳи олии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон





бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев доир гардида, сарони давлатҳо дар маросими ифтитоҳи Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Қазоқистон ва Намоишгоҳ ярмаркаи маҳсулоти кишоварзӣ, саноатӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва таомҳои миллии тоҷикӣ иштирок карданд.

Баъди анҷоми сафари корӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз шаҳри Остона ба Ватан баргаштанд.

# МУКОФОТҲОИ ДАВЛАТӢ МУБОРАК!



30 август дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори ҷашни 32-солагии Истиқлоли давлатии ҶТ ба кормандони касбу кори гуногун, ки дар фаъолияти корӣ натиҷаҳои назаррас доранд, мукофот ва унвону ҷоизаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро супориданд.

Бояд тазаккур дод, ки факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун макони омода намудани мутахассисони соҳибкасб эътироф гардида, олимону кормандони ин даргоҳ дар пешрафти соҳаҳои гуногуни мамлакат нақш гузошта, ба таври фаъол барои амалишавии сиёсати бомароми давлат ва ҳукумати мамлакат саҳмгузоранд.

Аз ин лиҳоз, устодон ва кормандони факултет пайваста зери ғамхорӣ ва кадрдонии ҳукумати мамлакат қарор доранд. Дар ин асно, санаи 30 августи соли равон аз ҷониби Пешвои миллат устодони факултет – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Назаров Аваз Қувватович ба мукофоти давлатии «Медали хизмати шоиста» ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед ба Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ дар соҳаи илм ва техника барои олимони ҷавон дар соли 2023 сарфароз гардонида шуданд.



Ҳайати таҳририяи нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос», садорати факултет, устодону кормандон ва донишҷӯён Назаров А.Қ. ва Раҳмонзода М.Ҷ.-ро ба ин комёбии навбатӣ таҳният гуфта, барои эшон пешрафту бурдбориҳои нав ба навро дар ҷодаҳои гуногуни ҳаёт таманно доранд.

# ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ





Факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар омода намудани олимону донишмандон ва мутахассисони ҷавон пайваста фаъолияти босамарро анҷом дода, дастпарварони ин боргоҳи илму маърифат дар амалигардонии сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат ва пешрафту шукуфоии Ватан иштироки фаъол доранд.

Дар ҳамин замина, як зумра устодони факултет ба масъулиятҳои навбатӣ сазовор гардиданд. Аз ҷумла, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Шарифзода Саъдӣ Шариф – Сармутахассиси раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Миралиев Эмомалӣ – Мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбияти ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Шерализода Ҷомӣ Шералӣ – Ёрдамчии муовини аввал, муовини ректор оид ба таълими ДМТ таъин гардиданд.

Ҳайати таҳририяи нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос», садорат, устодону кормандон ва донишҷӯёни факултет



Шарифзода С.Ш., Миралиев Э.Б. ва Шерализода Ҷ.Ш.-ро, ба муносибати таъин гардидан ба вазифаҳои пурмасъули навбатӣ самимона шодбош намуда, дар иҷрои вазифаҳои нав барору муваффақиятҳои беназирро таманно доранд.

# ТАМОШОИ ДАСТАҶАМЪОНАИ РӮЗИ ДОНИШ ВА ДАРСИ СУЛҲ









Санаи 1 сентябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон чун анъанаи наку дар Рӯзи дониш ва дарси сулҳ иштирок ва суханронӣ карда, бо аҳли маорифи кишвар мулоқоти самимӣ доир намуданд.

Чорабини мазкур дар сатҳи баланди ташкилӣ баргузор гардида, ба тариқи шабакаҳои телевизионӣ ба таври зинда намоиш дода шуд. Дар ин асно, устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бо як таваҷҷуҳи хоссаву эҳтиром ба Пешвои миллат ва дарки амиқи сулҳу субот дар мамлакат ҷараёни баргузории дарси сулҳро тамошо карда, аз он баҳраманд гардиданд.

Воқеан, суханони Пешвои миллат, ки дар Рӯзи дониш баён гардиданд оқилона, дурандешона ва дарбаргирандаи манфиатҳои миллӣ буда, барои ободию осудагии мардуми Тоҷикистон равона шудаанд. Аз ин лиҳоз, итминони комил дорем, ки устодону кормандон ва донишҷӯёни факултет суханҳои Пешвои миллатро сармашқи кори худ қарор дода, аз сиёсати маорифпарваронаи Сарвари давлат пайравӣ мекунанд.

# МАРҲАМАТ, АҲЛИ ҚАЛАМ!




Бо ибтикори ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор, Хушвахтзода Қ.Х. дар ҳамкорӣ бо Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ ва ИНТ барои эҷоди беҳтарин роман, беҳтарин повест, беҳтарин очерк, достонҳо, рубоӣ, ғазал ва дигар анвои шеърӣ дар васфи НБО-и Роғун озмун эълон гардид.

Озмун ҳавасмандии хос дошта, метавонад доираи васеи қаламкашонро ҷалб намояд.

Аз ҷумла, барои

Беҳтарин роман - 25000 сомонӣ

Беҳтарин достон - 20000 сомонӣ

Беҳтарин повест - 15000 сомонӣ

Беҳтарин очерк (эссе) - 10000 сомонӣ

Беҳтарин силсилаи рубоӣ, дубайтӣ, ғазал, ва дигар анвои шеърӣ - 10000 сомонӣ

Тартиб, талабот ва низомномаи Озмун ба таври мукаммал дар сомонаи донишгоҳ нашр карда мешавад.

# ДУРАХШИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ҶТ ВА ИНКИШОФИ ИЛМИ ҲУҚУҚШИНОСӢ



Зери ин унвон санаи 2 сентябри соли 2023 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ семинари илмӣ-амалӣ баргузор гардид. Кори семинарро декани факултет доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З. оғоз бахшида, иброз доштанд, ки дарвоқеъ, Истиқлолияти давлатӣ барои миллати тоҷик ва мардуми Тоҷикистон арзиши муқаддас дошта, суботу оромии мамлакат аз он вобастагӣ дорад. Ҳамчунин, маҳз истиқлолият шароитҳои мусоидро барои амалишавӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд фароҳам овард. Дар ин масир, чандин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, Конститутсияи ҶТ қабул гардид, ки моҳияти асосии онҳоро кафолати таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳад.

Дар рафти семинари мазкур устодону кормандони факултет маърузаҳо карда, оид ба муҳиммияту арзишмандӣ ва шукргузорӣ аз Истиқлолияти давлатӣ андешаҳои худро иброз доштанд.





# ВОХӮРИИ СУДМАНД БО УСТОДОНИ ҶАВОН



Санаи 29 августи соли ҷорӣ декани факултети ҳуқуқшиносӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З. бо устодони ҷавони факултет вохӯрӣ баргузор намуд. Дар рафти чорабинӣ декани факултет қайд намуд, ки имрӯз таваҷҷуҳи бевоситаи давлату Ҳукумат, хосатан Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф равона гардида, маорифро омили калидии амнияти миллӣ арзёбӣ намуда, омӯзгорро дар меҳвари сиёсати маорифпарваронаи хеш қарор додааст. Ҳамчунин, бурду бохти масоили марбут ба таълиму тарбияи донишҷӯён ба омӯзгори муваффақ ҳамбастагии ниҳоят қавӣ дорад. Декани факултет дар ҷараёни андешаҳои худ иброз дошт, ки ватандӯстӣ, гиромидошти арзишҳои миллӣ, сидқан машғул шудан ба донишомӯзӣ ва сари вақт ҳимоя кардани рисолаҳои илмӣ мақсади аввалиндараҷаи ҳар як омӯзгор бояд бошад.

Дар охир, изҳори умед карда шуд, ки омӯзгорони ҷавон бо як неруи нав соли нави хониширо оғоз намуда, пайи амалисозии ҳадафҳои мазкур мегарданд.



# ИСТИҚЛОЛИЯТ – ЗАМИНАИ АСОСИИ РУШДИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ



Рамазон ОДИНАЗОДА
профессори кафедраи ҳуқуқи
нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи
сарватҳои табиӣ

*Истиқлоли давлатӣ барои мардуми мо имконияти нодири таърихӣ фароҳам овард, ки зери парчами миллии худ муттаҳид шуда, бо заҳмати ақлонаву бунёдкорона бисёр мушкилоту монеаҳои сахту сангинро паси сар намоянд ва кишвари маҳбубамонро ба марҳалаи рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ расонанд.*

*Эмомалӣ Раҳмон*



Фазлиддин ШАРИФЗОДА
мудири кафедраи ҳуқуқи нақлиёт
ва ҳуқуқи истифодаи
сарватҳои табиӣ

Истиқлолият нодиртарин дастоварди таърихӣ ва заминаи асосии рушди давлатдории миллӣ маҳсуб мегардад. Зеро ин дастоварди бузург натиҷаи талошу муборизаҳои фарзандони бонангу номуси тоҷик ба хотири эҳёи давлатдории миллии тоҷикон мебошад.

Маҳз Истиқлолияти давлатӣ барои ноил шудан ба дастовардҳои дигари муҳим дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва маънавии мардуми тоҷик нақши босазо гузошта, ба ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ва тадриҷан фароҳам овардани имкониятҳои васеи рушду такомули онҳо дар шароити мураккаби тағйирёбии сохториву ҷамъиятӣ мусоидат намуд.

Ҳамчунин, бевосита дар сатҳи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 пешбинӣ гардидааст, ки маҳз Истиқлоли давлатӣ марҳилаи нави инкишофи таърихӣ - бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоиро барои ҶТ ба вуҷуд овард ва ба рушди устувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ҷомеа замина гузошт.

## ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Тазаккур бояд дод, ки Истиқлоли давлатиро миллати фарҳангиву тамаддунофари тоҷик ба осонӣ ба даст наовардааст ва барои расидан ба он заҳмату талошҳои зиёд масраф шудааст. Барқарории пояҳои Истиқлоли давлатӣ ва минбаъд таъмини устувори вазъи сиёсӣ ва сатҳи иҷтимоиву иқтисодӣ бевосита дар асоси сиёсати созандаву ташаббускорона ва ҷоннисориҳои Пешвои миллат барои миллати тамаддунофари мо шарафёб гардид.

## КОНСТИТУТСИЯ

Яке аз аввалин тадбирҳои муҳиме, ки ҳанӯз дар оғози давраи аввали соҳибистиқлолӣ амалӣ карда шуд ва дар заминаи он рушди давлатдории миллӣ муайян гардид, ин қабули Конститутсия ва минбаъд ташаккул ёфтани низоми нави қонунгузории кишвар мебошад. Ин санади тақдирсози миллӣ барои бунёди давлатдории навини Тоҷикистон аҳаммияти таърихию ҳуқуқӣ ва сиёсӣ гузошт.

**Дар ин асно, бояд зикр намуд, ки стратегия ва дурнамои масъалаҳои танзими муфассали ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ аз Конститутсия сарчашма гирифта, дар доираи қонунгузории тамоми соҳаҳои ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ мавриди танзим ва муқаррарнамоӣ қарор дода шудаанд. Таҳлил ва омори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба он далолат менамояд, ки то ба имрӯз аз ҷониби мақоми олии қонунгузории кишвар зиёда аз 400 санадҳои қонунгузорӣ (1 Конститутсия, 17 қонунҳои конститутсионӣ, 21 кодексҳо, 22 қонунҳо дар бораи авф, 23 қонунҳо дар бораи буҷети давлатӣ ва 317 қонунҳои ҷорӣ) ҷиҳати танзим, муайяннамоӣ ва пешбинӣ намудани қоидаҳои рафтори ҳуқуқӣ таҳия ва қабул карда шудаанд.**

Ҳамчунин, дар ин замина зиёда аз 15 000 санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ қабул гардиданд, ки моҳияти асосии онҳоро асосҳо ва иҷрои нишондодҳои санадҳои қонунгузорӣ ташкил медиҳад.

## ҚОНУНҲОИ МИЛЛӢ

Дар баробари ин, дастоварди бузург дар роҳи эъмори давлатдории миллӣ ва рушди он ин таҳия ва қабули қонунҳои миллӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз бо ташаббуси хирадмандона ва дурбинонаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ду қонуни миллӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 8 июни соли 2007, №272 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” аз 2 августи соли 2011, №762 қабул гардиданд.

Бояд зикр намуд, ки қонунҳои мазкур сирф хусусияти миллӣ дошта, мутобиқ ба анъана ва одатҳои миллати тоҷик таҳия ва қабул гардидаанд. Ҳамчун қоида, мақсад аз қабули ин қонунҳо танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти муайян буда, он барои ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии мардуми Тоҷикистон, мусоидат барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва гирифтани пеши роҳи хароҷоти зиёдатӣ, ки ба манфиатҳои иқтисодӣ ва фазои маънавии ҳаёти шаҳрвандон зарари ҷиддӣ ворид менамоянд ва инчунин, таълиму тарбияи фарзанд дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ нигаронида шудааст.

## МУҚАДДАСОТИ МИЛЛӢ

Бояд зикр намуд, ки дар роҳи давлатсозии миллӣ мавқеъ ва аҳаммияти рамзҳои давлатӣ ҳамчун шиносномаи давлату миллат аҳаммияти махсусро касб менамоянд. Ба шарофати ин рӯйдоди бузурги таърихӣ халқи мо соҳиби рамзҳои давлатии худ – Парчам, Нишон, Суруди миллӣ, ҳамчунин асъори миллӣ гардид.

Ҳамчунин, Истиқлолият пойсутуни асосии ба вуҷуд омадани давлати миллиро барои миллати мо гузошта, сабабгори эътирофи давлат дар арсаи байналмилалӣ гардид. Ҳамин аст, ки Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд, ки “Истиқлоли давлатӣ Тоҷикистонро бо ҷаҳон ва ҷаҳонро бо Тоҷикистон наздик гардонид ва сиёсати «дарҳои кушода» боиси болоравии бесобиқаи нуфузу обрӯи Тоҷикистон дар байни ҷомеаи байналмилалӣ гардид”.

**То имрӯз Тоҷикистонро зиёда 180 кишвари ҷаҳон ба расмият шинохта, бо 150 мамлакат муносибатҳои дипломатӣ ба роҳ монда, бо беш аз 100 кишвари ҷаҳон муомилоти иқтисодиро ба роҳ мондааст.**

Дар маҷмӯъ, Истиқлоли давлатӣ рамзи олии ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкори пайгиронаи созанда, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро фароҳам оварда, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вақт ҳаёти озодонаи ҳар фард ва олитарин дараҷаи бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд.

# СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ ВА КОМЁБИҲОИ МИЛЛАТ



Мадина ХАЛИМОВА
донишҷӯи соли 3

Хурсандибахш аст, ки санаи 9 сентябр Ҷумҳурии Тоҷикистон 32-юмин солгарди истиқлолияти худро бо як шукуҳу шаҳомати пур аз ифтихор таҷлил мекунад.

Дар ин марҳилаи таърихӣ, як қатор комёбиҳо насиби кишвари мо ва мардуми сарбаланди ин сарзамин гардид, ки ба ифтихор аз онҳо ном бурдан шарафи ҳар як шаҳрванди он мебошад:

1. Суботи сиёсӣ. Марҳилаи аввалине, ки миллат ва мардуми Тоҷикистон ба он шарафёб гардид, расидан ба суботи сиёсӣ маҳсуб дониста мешавад. Маҳз ба ин васила, амнияти мамлакат, асосҳои сохтори конститутсионӣ ва осудагии мардум таъмин гардид. Бояд иброз намуд, ки расидан ба ин рӯзҳои нек, хотири ҷамъ, равони осуда бо талошу заҳматҳои Пешвои миллат насиби мардуми сарбаланди Тоҷикистон гардидааст. Аз ин лиҳоз, қаҳрамониҳои Пешвои миллат дар хотираи таърихи мамлакат бо ҳарфҳои заррин сабт хоҳад шуд ва ҳар як сокини худшиносу худогоҳ хидматҳои ин абармарди миллатро то абад эҳтиром ва пос медорад.

2. **Рушди назаррасиктисодиёт.** Дар кишвар ислоҳот ба беҳбудии фазои соҳибкорӣ, ҷалби сармоядорони хориҷӣ ва рушди соҳибкорӣ дар кишварамон равона гардида, давлат ва шаҳрвандон ба дастовардҳои беандоза муҳим шарафёб гардиданд;

3. **Ислоҳоти иҷтимоӣ.** Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар намудани таъминоти иҷтимоӣ, шароити зиндагӣ ва инкишофи озодона барои ҳар як инсон диққати калон медиҳад.

4. **Таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун арзиши олӣ.** Ҷиҳати таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҶТ пайваста қонунгузорӣ такмил дода шуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул мегарданд, ки соҳаҳои навро ба танзим медароранд.

5. **Баромадан аз бумбасти комуникатсионӣ.** Сохтмони роҳҳои автомобилгард, оҳан ва пулҳои ҳозиразамон алоқа ва савдо байни вилоятҳо ва шаҳрҳоро осон кард. Илова бар ин, васеъ ва навсозии фурудгоҳҳо ба рушди сайёҳи дохилӣ ва сайёҳии байналмилалӣ мусоидат кардааст.

6. **Эҳёи фарҳанги миллӣ.** Мероси ғании фарҳангии Тоҷикистон дар тӯли 32 соли охир ҳифз ва шуҳрат ёфтааст. Кишварамон дорои анъанаҳои миллӣ, санъат ва мусиқиест, ки шуҳрат меёбанд.

Ҳамин тавр, Истиқлолият барои ҳар як давлат ва миллат омили асосии мавҷудият ба ҳисоб рафта, заминаи аввалиндараҷаи хуррамию сарсабзӣ, ободию осудагии мардум, хотири ҷамъи ҳар як хонадон ва дасти тавонои забони бурро доштани миллат аст. Ба ҳамин хотир, ин гавҳари ноёбро, ки баъди ҳазорсолаҳо ба даст овардем, мебояд ҳифз кард.

## РӮЗИ ДОНИШ ВА ДАРСИ СУЛҲ

**Ҳамасола, дар ватани азизамон – Тоҷикистон Рӯзи дониш ва дарси сулҳ – 1-уми сентябр ботантана ҷашн гирифта мешавад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин рӯзи муборак ба ин ё он муассисаи олӣ ва миёнаи кишвар ташриф оварда, роҷеъ ба яке аз соҳаҳои муҳимтарини иҷтимоии мамлакат – мактабу маориф изҳори назар менамоянд.**

Чуноне ки мо аллакай медонем имсол Рӯзи дониш дарси сулҳ бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон дар ноҳияи Данғара баргузор гардид. Дар ин рӯзи накӯ Рӯзи дониш ва дарси сулҳ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҷлили Рӯзи дониш ва баргузории дарси сулҳро дар оғози соли хониш яке аз анъанаҳои неки даврони соҳибистиқлолӣ, тантанаву бузургдошти саводу дониш ва хираду маърифати мардуми куҳанбунёди мардуми тоҷик маънидод намуда, ҳамзамон изҳор намуданд, ки **"Ман дар асоси таваҷҷуҳу эҳтироме, ки нисбат ба илму маориф ва мактабу омӯзгор дорам, изҳор медорам, ки маҳз тавассути рушди босуботи соҳаи маориф, таҳкими заминаҳои он ва заҳмати содиқонаи омӯзгорон мо тавонистем, ки чеҳраи воқеии халқи тоҷикро дар замони муосир ба ҷаҳониён муаррифӣ намоем".**

## МАОРИФ – ОМИЛИ НАҶОТИ МИЛЛАТ

Илму маориф ва мактабу омӯзгорро омили асосии таҳкими давлат ва муаррифгари ватани азизамон Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ эътироф намудан ва баёнгари таваҷҷуҳи хоссаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин соҳаи муҳимми давлатӣ мебошад, ки аз фаъолияти он боло рафтани ҳувияти миллӣ, мавқеи кишвар ва миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ вобаста аст.

Бояд қайд намуд, ки маориф ягона соҳаест, ки дар он аз коргари оддӣ то мутахассиси олӣ тарбия ва ба камол расонида мешавад. Набояд фаромӯш кард, дар шароите, ки ҷомеаи ҷаҳон ва Тоҷикистон гардиши куллии сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиро аз сар мегузаронад, бе дастгирӣ ва роҳнамоиҳои оқилонаи Пешвои миллат ин соҳа наметавонад вазифаҳои худро дар шароити муосир амалӣ гардонад.

## ҚОНУНГУЗОРИИ СОҲАИ МАОРИФ

Зикри ин нукта муҳим аст, ки имрӯз фаъолияти низоми маориф ва илм, таҷдиди низоми таълиму тарбия, таъмини моддию техникии муассисаҳои таълимӣ ва ғамхорӣ дар



# ДАРСЕ, КИ РАВШАНГАРИ ФУРӮҒИ ҚАЛБҲОСТ!



Исмоил ШАРИФЗОДА
дотсенти кафедраи
ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат

ҳаққи устодону омӯзгорон дар маркази диққати Президенти кишварамон қарор доранд. Далели ин гуфтаҳо ин аст, ки дар давоми солҳои гузашта то ба имрӯз барои ба низом даровардани фаъолияти соҳаи маориф ва илм ва самарабахш гардонидани кори таълиму тарбия қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", "Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ", "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон", ҳамчунин, "Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул гардида, қонунгузории соҳаи маориф мувофиқ ба меъёрҳои байналхалқӣ гардонида шуд.

Яке аз санад ва ё дастурҳои муҳимму роҳнамо ин паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Бояд гуфт, ки паёмҳои Пешвои миллат таконбахши тозае дар соҳаи маориф ва илм ва муайян намудани вазифаҳои таъхирнопазири муассисаҳои таълимии кишвар дар марҳалаи тараққиёти тозаи устувори ҷомеаи Тоҷикистон мебошанд. Нутқи фарогири Пешвои миллатро дар ин паёмҳо метавон барномаи фаъолияти тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, иттиҳод ва созмонҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои таълимӣ ва падарону модарон барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонон номид.

## ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА РУШДИ ИЛМУ МАОРИФИ МАМЛАКАТ

Пешвои миллат вазифаи мактабу маорифро, ки дастгоҳи ба иҷро расонидани стратегияи Ҳукумати Тоҷикистон бобати ба вуҷуд овардани насли нав, шахсиятҳои фаъолу созанда ва дилсӯзу ғамхори Ватан мебошанд, ба инобат гирифта, дар робита ба ин, 23.12.2022 дар Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид карда буданд, ки "Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем". Воқеан, тарбият кардани насле, ки фардои ҷомеаро ба таври шоиста бар дӯши худ гирад, русуми аслӣ ва қонунияти бақои зиндагии ҷамъият аст.

Инчунин, Пешвои миллат дар ин Паёми хеш вобаста ба самтҳои дигари иҷтимоӣ, махсусан илм сухanронӣ намуда, изҳор доштанд, ки "илм дар шароити муосир нақши калидӣ дорад, ба рушду тараққиёти давлат мусоидат менамояд" ва аз ин бармеояд, ки ин соҳа дар сиёсати давлатӣ мақоми хосса дорад ва аз ҳамаи имтиёзҳои Ҳукумат ва Президенти ҷумҳурӣ бархӯрдор аст.

Ҳамин тавр, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва тарбияи кадрҳои илмии болаёқат барои ҷомеаи Тоҷикистон имконият медиҳад, ки дар шароити соҳибистиқлолӣ бо мамлакатҳои мутамаддин дар пояи баробарии илмиву фарҳангӣ муносибат кунем, обрӯву нуфузи давлати тоҷикон ва миллати тоҷикро баланд бардорем. Таъкиди ин нукта муҳим аст, ки мо бояд ба омӯзиши илму дониши муосир сафарбар шуда, аз илму донишҳои замон бохабар бошем ва аз ахлоқу маънавиёти аҷдодии худ бехабар намонем. Муҳимтарин омили ниғоҳ доштани асолати миллӣ ин густариш додани худогоҳии таърихӣ ва худшиносии миллӣ мебошад. Вазифаи дигаре, ки мо бояд дар чаҳорчӯбаи мактабу донишгоҳҳо анҷом диҳем, ин парвариши хонандагон ва толибилмон дар руҳияи ватандустӣ, одобу рафтори миллӣ ва ахлоқи ҳамидаи инсонӣ аст. Рукни дигари бағоят муҳимми ахлоқи миллӣ, тарғибу ташвиқи саъю кӯшиш кардан ба меҳнати ҳалол аст.

Асре, ки дар он мо умр ба сар мебарем, асри пешрафти бесобиқаи илмиву технологӣ ва рушди босуръати мубодилаи иттилоотӣ мебошад. Ин барои инкишофи мафкура ва васеъ гардидани ҷаҳонбинии насли ҷавон бениҳоят хуб аст, вале аз тарафи дигар дар мавриди таҳти таъсири барномаҳои таблиғкунандаи он мондани ҷавонон комилан хилофи ахлоқу одоби миллии мо аст ва оқибатҳои ногуворо низ интизор шудан мумкин аст. Барои он ки унсуру арзишҳои бегона ба ҷомеаи мо роҳ наёбанд, мо бояд бо тарғиби арзишҳои волои ахлоқи миллиамон машғул бошем, тарзи зиндагонии солим ва маънавиёти поки инсониро дар зеҳну тафаккури аҳли ҷомеа ва пеш аз ҳама дар зеҳну тафаккури насли ҷавон ҷой диҳем.

Итминони комил дорам, ки мо аҳли илму маориф бо захираи бузурги зеҳнии худ метавонем ҳамроҳ бо Пешвои муаззами миллат аз уҳдаи иҷрои рисолати таърихии хеш бароем ва барои ояндаи Ватану миллатамон насли сазовору арзанда, дорои дониши замонавӣ, ҷаҳонбинии васеъ, ватандӯсту худогоҳ ва ворисону созандагони фардои дурахшони Тоҷикистони соҳибистиқлолро тарбия карда, ба воя мерасонем.

*Санаи 18 августи соли ҷорӣ ба беш аз 170 устодону кормандони ДМТ имкон даст дод, ки ҷиҳати боздид ва шиносоӣ аз ҷараёни корҳои сохтмонӣ озими НБО «Роғун» гарданд. Лутфан бояд таъкид намуд, ки сафари мазкур дар заминаи дастуру ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат бо кумаку дастгирӣ ва иқдому ташаббусҳои созандаи бевоситаи ректори муҳтарами донишгоҳ, профессор Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт иттифоқ афтод.*

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БУНЁДГУЗОРИ СОХТМОНИ АСР - НБО «РОҒУН»



**Ҳайати омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносиро дар ин сафар як гурӯҳ устодони шуҳратёру соҳибтаҷрибаи ин махзани илму маърифат, назири Шонасридинов Н., Шарипов Т.Ш., Ғаюров Ш.К., Искандаров З.Ҳ., Азиззода У.А., Мирзамонзода Х.М., Маҳмудов И.Т., Миралиев И.Қ., Қосимов Ф.А., Кабутов Э.Д., Саидов Ҳ.М., Шарифзода С.Ш., Саломов И.И. таҳти роҳбарии декани факултет, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Мирзозода П.З. намояндагӣ мекарданд.**

Сафар ба ин объекти аср аз ҳар ҷиҳат барои мо гуворо ва хотирмон буд. Бояд иқрор шуд, ки мо аз натиҷаи сафар ба иншооти мазкур як ҷаҳон таассуроти амиқ бардоштем ва бо руҳияи болидаву ҳисси боварӣ ба ояндаи дурахшони Тоҷикистони азиз баргаштем. Аввалан аз он шоду сарфарозем, ки дар баробари дигар шаҳрвандони кишвар аз наздик бо чашми сар аз шаҳомату бузургии ин объекти беназири тавлидкунандаи нерӯи барқ ошноӣ пайдо кардем. Баъдан ба иҷрои кору амалҳое дар онҷо рӯ ба рӯ шудем, ки моро дар ҳайрат гузошт. Натиҷаи мушоҳидаҳо нишон дод, ки дар ин кохи муҳташами нур корҳое анҷом дода шудаанд ва ё анҷом ёфта истодаанд, ки аз доираи дарки ақли инсон берунанд. Ба кормандону сохтмончиёни НБО «Роғун» муяссар гаштааст, ки аз тамоми гушаву канори мамлакат ба ҳам омада, китф ба китф паҳлуи ҳам истода, мушкилоти ҷойдоштаро якҷоя таҳаммул карда, бо умеди фурӯзон гардонидани ҳар як хонадони сокинони мамлакат ба шоҳкориҳои азим рӯй оварда, дар қалби кӯҳ шаҳри муъҷизавие бунёд намоянд.

Аслан аксарияти кулли кормандону сохтмончиёни неругоҳи мазкурро шаҳрвандони Тоҷикистон ташкил медиҳанд, ки онҳо бо гузашти солҳо дар баробари намояндагони дигар ширкатҳои хориҷӣ, ки дар неругоҳ фаъолият менамоянд, ҳунар, малака ва таҷрибаи бою ғании корҳои кӯҳканию нақбсозиро андӯхтаанд. Аз ҷумла, дар неругоҳ дар самти баланд бардоштани сатҳи сарбанди асосӣ, корҳои барқарорсозию васлгарӣ, бетонрезию сементатсионӣ, шибба кардани сангу шағал дар таҳкурсии ядрои сарбанд, корҳои пармакорӣ, кор дар нақбҳои обпарто, хокбардорӣ ва мустаҳкамкунӣ дар мавзеи обқабулкунакҳои асосӣ, пошидани маҳлули бетонӣ ва гузоштани анкерҳои махсус, корҳои нақбканӣ ва мустаҳкамкунӣ дар нақбҳои обрасони амудӣ бомаром идома доранд. Мо ба бузургию шуҷоат ва қаҳрамонии бемислу монанди бунёдгузорони ин иншооти муҳими гидроэнергетикӣ қоилем ва ба онҳо арҷу эҳтиром мегузорем.

**Мо ба роҳбарияти НБО «Роғун» барои таъмин намудани гурӯҳҳои кории омӯзгорони донишгоҳ бо роҳбаладони кордону масъулиятшинос аснои тамошои қитъаҳои алоҳидаи кории ин объекти беназири тавлидкунандаи нерӯи барқ изҳори сипос менамоем. Ҳамзамон, бо истифода аз фурсати муносиб аз номи тамоми устодони факултети ҳуқуқшиносӣ ба роҳбарияти донишгоҳ, хосатан ба ректори донишгоҳ муҳтарам Ҳушвахтзода Қобилҷон Хушвахт барои дар сатҳи баланд ташкил намудани сайру саёҳати хотирмон ба НБО «Роғун» изҳори сипос менамоем.**

Ба иттилои хонандагони муҳтарам мерасонем, ки пайдоиши неругоҳи «Роғун» ба кофтукови самараноки мутахассисони варзидаи соҳаи гидроэнергетика Семён Колежнюк ва Виктор Нинахов алоқамандӣ дорад. Онҳо соли 1931 ҳамчун шахсони масъули гурӯҳи ҷустуҷӯии таҳқиқотӣ ба мавзеи мазкур омада, пешниҳод намуданд, ки он ба харитаи захираҳои гидроэнергетикии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ворид карда шавад. Соли 1932 объекти мазкур ба харитаи захираҳои гидроэнергетикии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ бо номи «Сичароғ» дарҷ гардид. 10 - уми июли соли 1972 асоснокии Неругоҳи барқи обии «Роғун» аз ҷониби филиали дар шаҳри Тошканд будаи Институти «Гидропроект» - и собиқ Иттиҳоди Шуравӣ таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод карда шуд. 27 – уми сентябри соли 1976 Вазорати энергетикаи собиқ Иттиҳоди Шуравӣ барои бунёди ин объекти муҳим розигӣ дод. 27 – уми ноябри соли 1980 Шӯрои Вазирони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ лоиҳаи сохтмони онро тасдиқ намуд. Вале бо пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ татбиқи корҳои лоиҳавию сохтмонӣ қатъ гардид.

Маврид ба зикр аст, ки бо касби истиқлоли давлатӣ дар рушду пешрафт ва пешбурди корҳои сохтмониву муҳандисӣ дар НБО «Роғун» як марҳилаи сифатан нав рӯйи кор омад. Зимнан бояд ҷавонмардона эътироф намуд, ки рушди бемайлони ин иншоооти муҳимми гидроэнергетикӣ дар замони соҳибихтиёрии давлатӣ пеш аз ҳама бо кушишу ғайрати бемисл, ташаббусҳои созандаву иқдомоти ибратбахши фарзанди фарзонаи миллат, Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иртибот дорад. Шоистаи таъкид аст, ки асоснокии ин объекти муҳими аср бо талошу ғайрати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи гуруҳи экспертии Бонки Умумиҷаҳонӣ бо ҷалби коршиносони сатҳи байналмилалӣ холисона эътироф гардид ва сохтмони он аз нигоҳи нав, бо истифодаи технологияи пешрафта ва бо дарназардошти стандартҳои байналмилалӣ вусъати тоза пайдо кард.

Лозим ба ёддоварист, ки қисмат мардуми тоҷикро бо дарназардошти ҳодисаву воқеаҳо ва тағйироту таҳаввулотҳои босуръати солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ ба душвориву мушкилиҳои сангин мувоҷеҳ кард. Мо шоҳиди ҳол будем, ки мардуми кишварамон дар хунуктарин давраи сол ҳамагӣ як-ду соат барқ мегирифтанд ва баъзе рӯзҳо, умуман бебарқ мемонданд. Муассисаҳои барои мардум ҳаётан муҳим кор намекарданд.

Аз ин рӯ, бо дарназардошти ҳолатҳои ҷойдошта барои ҳаллу фасли ин масъалаи ниҳоят муҳим Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ таъмини истиқлолияти энергетикиро яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар қарор дод ва барои расидан ба он тамоми захираю имкониятҳоро сафарбар намуд.

Аз баракати Истиқлолияти давлатӣ ва бо шарофати хизматҳои содиқона, ҷонфидоиву фаъолияти сарбаландона ва иқдому ташаббусҳои неки созанда ва ҳидоятҳои ҷавонмардонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мардуми шарифу сарбаланд, меҳнатдӯсту тамаддунофар, фарҳангсолору матинииродаи тоҷик, дар роҳи расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва саноатикунонии босуръати иқтисодиёти мамлакат қадам ба қадам гомҳои устувор гузошта истодааст.

Масъалаи бунёди НБО Роғун дар меҳвари фаъолияти ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Зеро ба таъкиди Сарвари давлат бунёди НБО-и «Роғун», яке аз иншоотҳои бузурги аср маҳсуб шуда, ин неругоҳ аз чанд ҷиҳат аҳаммияти бузург дорад. Аз нигоҳи иқтисодӣ бо бунёди ин иншоот дар Тоҷикистон корхонаҳои саноатӣ сохта ба истифода дода шуда, корхонаҳое, ки бо сабаби норасоии барқ аз кор монда буданд, дубора ба кор оғоз мекунанд. Аз диду назарияи сиёсӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни давлатҳои мутараққӣ мавқеи хоссаи худро пайдо менамояд.

Аз ҷумла, соли 2016 аз нигоҳи баргузории рӯйдодҳои муҳимми ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ барои мардуми сарбаланди тоҷик соли фаромушнопазир буд. Зеро санаи 29-октябри ҳамон



сол бо ибтикору ташаббусҳои бевосита ва созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба бунёди сарбанди нерӯгоҳи барқӣ-обии Роғун, ки муҳимтарин ва азимтарин иншооти аср ба ҳисоб меравад, ҳусни оғоз бахшида шуд. Бешубҳа оғози ин марҳилаи навбатии муҳимми сохтмони НБО Роғун яке аз муҳимтарин ва бузургтарин дастоварди даврони соҳибихтиёрии кишвар таҳти сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб меёфт. Мо ҳамагон шоҳиди он будем, ки чи гуна бо як ҷасорату шуҷоати бемисл Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бевосита, шахсан савори булдозер ду соҳили дарёи Вахшро ба ҳам пайваста, маҷрои онро иваз карданд ва бунёди сарбанди иншооти муҳими стратегӣ – Неругоҳи барқӣ-обии Роғунро асос гузоштанд. Тамошои ин лаҳзаҳову манзараҳои нотакрори таърихӣ, амалҳои ҷавонмардонаву ғаюронаи фарзанди бангу номуси миллат он лаҳзаҳо тавассути ҳамаи шабакаҳои телевизионӣ ба кас ҳаловату илҳоми тоза бахшида, беихтиёр дар қалби ҳар як фарди бедордил ва заррае аз ҳисси баланди миллию меҳанпарастӣ бархурдор, масъулияти баланди инсониву шаҳрвандӣ ва хизмати содиқонаву садоқати беандоза ба Ватану сарзамини аҷдодӣ ва вусъати корҳои ободкориву созандагиро бедор менамуд. Ба ҳар нияту мақсаде, ки Президенти кишвар даст задаанд, ҳатман ҷомаи амал пушидааст. Маҳз бо ибтикороти бевоситаи Президенти кишвар ду агрегати НБО Роғун моҳи ноябри соли 2018 ва сентябри соли 2019 ба тавлиди неруи барқ оғоз карданд.

Сарвари давлат ҳамасола ба НБО Роғун ташкриф овара бо бунёдгарони ин кохи муҳташами нур суҳбату мулоқоти самимӣ доир менамояд. Ҳар як ташрифи роҳбари давлат ба ин неругоҳ ба сохтмончиён рӯҳияву илҳоми тоза бахшида онҳоро ба ичрои корҳои бузург дилпур менамояд. Аз ҷумла, зимни суханронӣ дар вохӯрӣ бо бунёдгарони неругоҳи барқи обии “Роғун” санаи 10 августи соли 2023 Пешвои миллат изҳор доштанд, ки: “...Барои таъмин намудани рушди муназзаму устувори иқтисоди миллӣ, қонеъ гардонидани талаботи рӯз ба рӯз афзояндаи соҳаҳои истеҳсолӣ ва аҳолии кишвар ба неруи барқ афзоиш додани истеҳсоли неруи барқ аз ҷумлаи зарурatҳои аввалиндараҷа ва ҳатто ҳаётӣ ба ҳисоб меравaнд. Маҳз ба ҳамин хотир мо неругоҳи “Роғун”- ро сохтмони аср эълон кардаем.... ”.

Дар воқеъ, сохта ба истифода додани ин иншооти муҳими энергетикӣ ба таъмини истиқлолияти комили энергетикӣ дар Тоҷикистон, бунёди корхонаҳои саноатӣ, пешравии истеҳсолот,таъмини ҷойҳои нави корӣ ва таъмини зиндагонии босаодати мардуми тоҷик мусоидат менамояд. Дур нест он рӯзе, ки НБО “Роғун” бо тамоми иқтидорҳои худ ба кор даромада, он ба ҳар як хонадони тоҷик нур ва шодмонию сурур мебахшад.

**Таҳияи Мирзозода П.З., Ғаюрзода Ш.К., Маҳмудов И.Т, Қосимов Ф.А., Миралиев И.Қ. – устодони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**

# ИСТИҚЛОЛ ВА ТАШАККУЛИ ДАВЛАТИ МИЛЛӢ



**Фаррух Қосимов**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании**

Истиқлол дастоварди муҳимтарин, бузургу бебаҳо ва таърихии миллати мо, ормони чандинасраи фарзандони асилу огоҳ ва маҳсули талошҳои садҳо ҳазор муборизони роҳи бақои давлати тоҷикон мебошад. Истиқлол ҳамчун рукни бунёдии озодии инсон ва ҷавҳари асосии зиндагӣ дар тамоми давру замон ҷузъи таркибии ҳастӣ ва ҳувияти миллати мо будааст. Ормони истиқлол фарзандони мубориз, ватандӯст ва донишманди миллатро ҳамвора ба нигоҳ доштани ҳувияти миллӣ ва талқину таҳкими он дар қалби мардум, таъмини пайванди ногусастании наслҳо ва ниҳоят барои ҳифзи истиқлолияти Ватан раҳнамоӣ карда, дар давраҳои мушкили зиндагӣ ба онҳо неруву тавон бахшидааст. Истиқлол барои бунёди давлати миллӣ заминаи маънавӣ фароҳам оварда, миллатро сарҷамъ намуда, дар руҳияи ватандӯстӣ тарбия менамояд, ки ин асоси рушди давлатдорӣ ва суботи ҷомеа мебошад. Дар шароити кунунӣ, ки бархӯрди тамаддунҳо ва талоши давлатҳои абарқудрат барои манфиатҳои миллӣ рафта истодаст, пойдории истиқлоли давлатҳо аз мафкураи солими созандаи халқ вобастагӣ дорад.

Миллати мо бо вуҷуди дастовардҳои нодири давлатдорӣ ва тамаддуни бузурги созанда дар масири таърих ҳодисаҳои нанговару роҳи ноҳамвори давлатдориро паси сар намудааст, сарчашмаҳои таърихӣ шаҳодати онанд, ки мутаассифона аз он нокомиҳо ибрат нагирифта, такрор ба такрор бо гуноҳи худ азият кашидааст. Ва ин амал дар охири садаи XX низ дар ҳолати такроршавӣ қарор дошт. Хушбатона бо назари Худованд миллати тоҷик дар арсаи сиёсат нафареро интихоб кард, ки халқи гирифтори гирдоби нобудиро наҷот дод, тоҷикони гирифтори манфиатҳои шахсӣ ва бозичаи давлатҳои манфиатҷӯ гаштаро ба оғуш гирифт, ҷинояткорони аз рӯи кинаву адоват ва дастури хоҷагонашон даст ба ин амали нанговар задаро авф намуд, зиёда аз як миллион гурезаву муҳоҷирони иҷбориро ба Ватан баргардонд, дар дили миллати азияткашда донаи умед кишт кард ва сулҳу суботи ҷомеаро таъмин намуда, пояи давлатдориро дар асоси принсипи инсондӯстӣ таҳрезӣ намуд, ки пешрафт ва муваффақияти имрӯзаи Тоҷикистон ҳосили он аст. Ин шахсият Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Бинобар ин, миллати тоҷик аз мафкураи коммунистӣ раҳо наёфта, қисме аз мардум дар оғози Истиқлоли давлатӣ бинобар надоштани ҳисси худшиносии миллӣ гирифтори мафкураи сиёсигардонидашудаи динӣ гашт. Баъзе шахсиятҳои сиёсӣ ва зиёиёне, ки зери таъсири мафкураи коммунистӣ зиндагиву фаъолият мекарданд ва ҳисси худшиносиашон коста гардида буд, ҷойгоҳи андешаи миллиро дар мафкураи давлатӣ холӣ гузоштанд. Ҳамин фазо ва зарфияти маънавии холиеро, ки ба иллати оҷизии мафкуравии зиёиён ва донишмандон дар мафкураи ҷомеа ба миён омада буд, шахсони қудратхоҳ бо арзишҳои манфиатхоҳона аз номи дин пур намуда, давлатро гирифтори ҷанги шаҳрвандӣ намуданд, ки паёмадҳои он ҳоҷат ба шарҳ надорад. Вале, бояд иқрор шуд илму дониш ва саводе, ки низоми шуравӣ ба мардуми Тоҷикистон дод, дар ҳамоҳангӣ бо унсури генетикии таҳаммулгароии миллат ва хизматҳои содиқонаи Пешвои миллат тавонист яке аз омилҳои муассири маҳкам кардани дарвозаи фитнаи динию нифоқи шаҳрвандӣ низ гардад. Бо вуҷуди ин, дигаргун шудани фазои мафкуравӣ ва ташаннуҷи сиёсии ба вуҷуд омада, дар сохтори идораи давлатӣ калавишҳои мафкуравиро рӯи кор овард.

Дар шароити имрӯза ин масъала тамоман шакли дигар гирифтааст, зеро пойдории асосҳои анъанавии ҷомеа, хосса ҳифзи амнияти мафкуравӣ ва пойдории сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр,



**Исфандиёр Миралиев**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ**

демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона, аз мафкураи созандаи миллат вобастагӣ дорад. Бинобар ин, ҳар фарди ватандӯст ва худшиносе, ки нияти нек ба оядаи миллати худ дорад, бояд саҳифаҳои таърихро варақгардон намояд, зеро тоҷикон дар баробари дастовардҳои гуногун бо ҳодисаҳои даҳшатбор аз хиёнат то хиҷолат, аз таассуб то ифрот рӯ ба рӯ шуда, бо чашми худ диданд, ки чӣ тавр муҳаббат дар қиболи бепарвоӣ, қаҳрамонӣ дар паҳлӯи хиёнат, озодандешӣ дар муқобили таассуб ва монанди инҳо бо вазни ночизе дар таърихсозии миллати мо мавқеи худро аз даст медиҳанд.

# ШИНОХТИ ИСТИҚЛОЛИЯТ: МОНЕАҲО, МУШКИЛИҲО ВА ДАСТОВАРДҲО

Гузашти вақт беш аз пеш собит менамояд, ки ҳастии ҳар давлату миллат, рушди озодона ва сарбаландии ҳар як фарди он маҳз ба истиқлолияту озодӣ ҳамчун кафили асосии бақои миллатҳо вобастагии ногусастанӣ дорад. Бинобар ҳамин, ин дастоварди бузург дар тӯли таърихи башарият имкон фароҳам овардааст, ки мардумони ҷаҳон соҳиби ҳаққи табииву таърихии худ бошанд.

Бояд қайд намуд, ки бар асари таҳавуллоти сиёсиву иҷтимоӣ дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта, имкони таъсиси давлати навини тоҷикон рӯи даст омад. Дар таърихи 24-уми августи соли 1990 Иҷлосияи дуюми Шурои Олии ҶТ «Эъломияи истиқлолияти ҶТ»-ро кабул кард, ки дар моддаи аввали он Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақилу демократӣ ва ҳуқуқбунёд эълон гардид. Аммо барои сохтани воқеан як ҷомеаи озоду мустақил, ҳифзи манфиатҳои милливу давлатӣ зарурат ба миён омад, ки Тоҷикистон истиқлолияти комили худро ба даст гирад.

Ҳамин тавр, баъди расман қабул намудани санад дар бораи пошхурии давлати Шуравӣ, 9 сентябри соли 1991 Иҷлосияи ғайринавбатии Шурои Олии ҶТ, даъвати дувоздаҳум «Изҳорот дар бораи Истиқлолияти давлатии ҶТ»-ро қабул намуд. Чунин санади тақдирсоз аз он шаҳодат медод, ки минбаъд Тоҷикистон метавонад сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро мустақилона, бе дахолати кадом давлат ва ё ташкилоте ба роҳ монда, рӯ ҷониби бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягон ниҳад. Аммо баъди ба даст овардани истиқлолияти комил дар ҶТ бо дасисаву ихтилофандозии қисмате аз нотавонбинони дохилию хориҷӣ, ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ, ки худро "ворисӣ ин миллату давлат" медонистанд, ҷомеаро ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ фаро гирифт.

Аз ин лиҳоз, бояд андеша намуд, ки бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ мусибатҳои миллӣ ба сари мардум ва мамлакати навтаъсис бор гардид ва хушбахтона, бо дастоварҳои бешумор миллату давлат бо сарварии Пешвои миллат аз ин мусибатҳои миллӣ раҳо гардиданд.




**Он ҳама мусибату бадбахтиҳое, ки миллату давлат аз фаъолияту амалкардҳои гуруҳҳои экстремистию террористӣ дар масири Истиқлолияти давлатӣ паси сар кард ва ин ҳама бо таҳқиқоти хос ниёз дорад, ба таври зайл метавон баён кард: оғози ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ваҳшоният, ҷинояткории бешумор, тафриқасозии мардум, қатлу куштори мардуми бегуноҳ ва ходимони сиёсӣ, тарғиби нобаробарӣ, аз худ намудан ва таллаву тороҷ кардани моликият, муҳосираи иқтисодии минтақаҳои гуногуни кишвар, паҳн намудани маводи мухаддир, аз худ кардани кумакҳои хориҷӣ, тақсими яроқу аслиҳа, ҷалб кардани ҷавонон ва тарғиби онҳо ба қатлу куштор, ҳамкори бо ташкилоту созмонҳои иктишофӣ, тайёр кардани террористон дар мамлакатҳои хориҷӣ, ҳамкорӣ бо ташкилотҳои террористӣ, таҳқири мардум ва миллат, мансабталабӣ, дар мақоми аввал гузоштани манфиатҳои шахсӣ, аз худ кардани моликияти давлатӣ, тарафдорӣ аз душманони миллат, дастгирии ҷинояткорони дохилӣ, суиистифода аз боварии динӣ, кӯшиши ғазби ҳокимият, гуреза гардидани 1 милион шаҳрванд, ба вуҷуд овардани қаҳтӣ ва гуруснагӣ, вайрону валангор кардани биноҳои обод, талоши аз байн бурдани фарҳанг ва таърихи миллат, хароб кардани низоми маориф, муҳоҷирати бешумор, содир кардани амалҳои террористӣ, қатли шаҳрвандони хориҷӣ, нестшавии иқтисоди миллӣ, тарғиби зулму истибдод ва ғайра.**

Таърихи миллат ва мардуми ин сарзамин дар ягон вақт ва ба ҳеҷ ваҷҳ сабабгорони ин ҳама мусибат ва бадбахтиҳоро фаромуш нахоҳанд кард.

**Тамоми ин ҳама мусибатҳои миллиро дар давоми 32 соли Истиқлолияти давлатӣ ба чунин амалҳои созанда ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат мардуми тоҷик паси сар намуд: ба сари ҳокимият омадани Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, гузоштани қадамҳои аввалин дар самти расидан ба сулҳу суботи сартосарӣ, ба миён омадани асосҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва фарҳангии таъмини сулҳу субот, ба вуҷуд омадани мафкураи ягонаи миллӣ, узви комилҳуқуқи СММ гардидани ҶТ, баргузории Иҷлосияи XVI Шурои Олии ҶТ, қабули Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ, бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидани Конститутсияи ҶТ, таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ, қабули Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллии тоҷикон, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия, таҷлили 1100-солагии давлати абарқудрати Сомониён, пешниҳоди ташаббусҳои байналмилалӣ дар соҳаи об, ифтитоҳи бузургтарин нақбҳо – “Истиқлол”, “Шаҳристон”, “Хатлон”, бозсозӣ ва ба истифода додани роҳҳои мошингард – “Душанбе – Чанок”, “Кулма – Қароқурум”, ифтитоҳи роҳи оҳани “Душанбе–Қӯрғонтеппа–Кӯлоб”, бунёди НБО “Роғун”, НБО “Сангтӯда-1” ва дигар нерӯгоҳҳои хурду бузург дар миқёси ҷумҳурӣ ва ба ин васила, расидан ба 3 ҳадафи стратегӣ – таъмин амнияти озуқаворӣ, баромадан аз бумбасти комуникатсионӣ, истиқлолияти энергетикӣ, узви Созмонҳои байналмилалӣ – Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони умумиҷаҳонии савдо, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Созмони давлатҳои исломӣ ва ғайра гардидан, қабули қонуни ҶТ “Дар бораи забони давлатии ҶТ”, Наврӯзи Аҷамро ҷашни байналмиллалӣ эълон кардани СММ, ташаббус оид ба Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, ташаббусҳои Тоҷикистон оид ба ҳалли масъалаҳои амниятӣ, мубориза бо терроризм, экстремизм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, «Саразм»-ро ба феҳристи мероси фарҳангии умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид кардан, сохта ва ба истифода додани маҷмааи “Истиқлол”, гузоштани ҳадафи 4-уми стратегӣ – саноаткунонии босуръати мамлакат ва дигар дастовардҳое, ки тавъам ба номи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат мебошанд ва дар хотираи неки миллат то абад боқӣ хоҳанд монд.**

Аз ин рӯ, дар шароити ҷаҳонишавӣ, таҳдидҳои бешумор ва мубориза барои нуфуз аз ҷониби давлатҳои абарқудрат, маблағузории баъзе кишварҳо барои ноором кардани мамлакатҳои дар ҳоли рушд, ба сари ҳокимият омадани ҳизбу ҳаркатҳои экстремистию террористӣ дар минтақа, таҳлили масъалаҳои дар боло зикршуда зарур ва айниҳолӣ буда, воқеияти таърихиро барои насли оянда возеҳу равшан гардонидан вазифаи авалиндараҷаи ҳар як шаҳрванди ин сарзамин маҳсуб меёбад. Итминони комил дорем, ки ҳар фарди соҳибхиради ин давлати ободу осуда, қиммати ин ҳама дастовардҳои Истиқлолиятро дарк намуда, пайи боз ҳам пешрафта гардидани Ватани азиз, дар пайравӣ аз сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат камари ҳиммат баста, намегузоранд, ки Ваҳдати миллӣ, осудагии ҳар як хонадон ва хандаи тифлакон озурда шавад.

**Далер РАҲМОН**
**судяи суди н. Синои шаҳри Душанбе**

**Эмомалӣ МИРАЛӢ**
**муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия**





# ИФТИТОҲИ МАҶМААИ ВАРЗИШӢ ДАР ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Санаи 31 август Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар шаҳраки донишҷӯёни ДМТ Маҷмааи муосири варзиширо мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Маҷмааи варзишӣ, ки дар оммавигардонии варзиш ва тарғиби тарзи ҳаёти солим нақши муҳим дорад, ба хотири истиқболи сазовор аз 35-солагии Истиқлоли давлатии ҶТ бунёд гардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки иншоот бо маблағгузории Ҳукумати мамлакат дар масоҳати 17 406 метри мураббаъ сохта шуда, дар рафти сохтмон бештар аз 350 нафар сохтмончиёни маҳаллӣ ба кор ҷалб гардиданд. Бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гиифтани маҷмааи муосири варзишӣ 70 нафар мутахассиси соҳаи варзиш ба ҷойи кори доимӣ таъмин гардиданд. Қайд намудан лозим аст, ки маҷмаа бо усули муосири меъморӣ қомат афрохта, аз лиҳози имконият ва шароити мусоиди машқу тамрин беназир мебошад.








Маҷмааи муосири варзишӣ аз чор қисм иборат буда, дар қисми аввали иншоот, ки аз 3 ошёна ва таҳхона иборат мебошад, толорҳои аэробика, саққобозӣ, шоҳмот, ошхона, бунгоҳи тиббӣ, толори махси бадан, ҳамчунин, осорхонаи варзишии донишгоҳ ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасонро ҷой гирифтаанд.

Дар қисми дуюми бино бошад, толори умумии варзиш бо навтарин таҷҳизот ташкил гардидааст. Дар таҳхонаи ин қисмати иншоот толори вазнбардорӣ (фитнес) ҷойгир аст. Дар толори вазнбардорӣ навтарин таҷҳизот барои обу тоби бадан мавҷуд мебошад ва шароити машқу тамрин низ мукаммал фароҳам гардидааст.

Ҳамчунин, бояд қайд кард, ки масоҳати толори умумии варзиш дар қисми дуюми маҷмааи муосири варзишӣ 4320 метри мураббаъро дар бар мегирад. Ин толор барои баргузор намудани намудҳои варзиши волейбол, баскетбол ва футболи хурд пешбинӣ шуда, дорои 980 ҷойи нишаст мебошад. Дар ин макон ҳамчунин, маркази радиошунавонӣ бо ҳуҷраҳои техникӣ ва анборхона ташкил намудаанд.

Қисми сеюми маҷмаа аз толори гимнастика ва толори хурди умумии варзиш иборат мебошад. Масоҳати умумии ин қисми иншоот ба 2592 метри мураббаъ баробар аст. Толори хурди умумии варзишӣ, ки дар таҳхона ташкил карда шудааст, дорои шароити мукаммал барои машқу тамрин кардан аз рӯи намудҳои гуногуни варзиш, аз қабили гӯштини миллӣ, ҷудо, бокс, карате ва муҳорибаҳои тан ба тан мебошад.

Ҳавзи калони шиноварӣ дар қисми чоруми маҷмааи муосири варзишӣ ташкил шуда, масоҳаташ 4320 метри мураббаъ мебошад. Паҳноии ҳавзи шиноварӣ 21 метр ва дарозиаш 50 метр буда, аз 8 қатор ва 732 ҷойи нишаст иборат аст. Шароити фароҳамгардида дар ҳавзи шиноварӣ ба стандарти байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад. Ҳамзамон, дар ин қисмат толорҳои гуногуни хизматрасонӣ ҷой дода шудааст.

Барои гузаронидани дарсҳои назариявӣ ҳуҷраҳои алоҳидаи








барҳавои муҷаҳҳаз бо воситаҳои зарурии техникӣ ташкил гардидааст. Дар маҷмаа завқмандон имкон доранд ба машқу тамрин ва омӯзиши намудҳои зиёди варзиш машғул шаванд.

Сипас, Президенти мамлакат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо лоиҳаҳои бунёди Маркази саломатии Шаҳраки донишҷӯён ва хобгоҳ барои кормандону омӯзгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шинос шуданд.

Баъд аз ифтитоҳ ва дидан кардан аз маҷмааи мазкур, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои анҷоми босифати корҳо ба сохтмончиён изҳори миннатдорӣ намуда, масъулони донишгоҳро мувазаф карданд, ки имкониятҳои мавҷударо самаранок ва оқилона истифода баранд.

# НБО-И «РОҒУН» – ИМРӮЗУ ОЯНДАИ ШУКУФОНИ ВАТАН

## (бардошти мухтасари сафар ба НБО-и Роғун)

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА**
**профессор, ректори ДМТ**



Сафари ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба НБО-и «Роғун» як саҳифаи хотирмон дар таърихи донишгоҳ хоҳад буд. Зеро, бори нахуст дар чунин ҳайати бузург мо аз ин иншооти бузурги аср дидан намудем. Дар ин сафар аз раёсати марказии ҲХДТ низ чанд нафар моро ҳамроҳӣ менамуданд. Ин тасмим низ пеш аз ҳама, бо дастуру мусоидати бевоситаи Раиси ҲХДТ, Пешвои муаззами миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифт, ки даҳҳо паҳлуҳои мусбатро фаро мегирад.

Хеле иқдому анъанаи шоиста аст, ки имрӯзҳо ҷамъиятҳои гуногуни меҳнатӣ аз рафти корҳои сохтмонии ин корғоҳи бузург дидан менамоянд. Боиси ифтихор буд, ки сафари мо баъд аз ташрифи Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба НБО-и «Роғун» сурат гирифт, ки ҳамагӣ чанд рӯз қабл онҷо буданд. Ҷаро ки ин ин нерӯгоҳ ба тамоми маънӣ беназир аст ва он гувоҳи раднопазиру бузурге дар сиёсати бунёдкоронаву муваффақонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.



Бунёдкориву созандагӣ дар сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мақоми меҳварӣ дорад. Пешвои миллат абармардест, ки тамоми ҳастияшро барои ватан бахшидааст ва ҳар як чашми бино шоҳид аст, ки имрӯз давлату ватани мо ба чи гуна пешрафтҳо ноил гардидааст.

**Фаъолияту корҳову тасмимҳои Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмонро метавон ба ду ҷабҳаи бузург ҷудо намуд: ВАҲДАТУ СУЛҲОФАРӢ ВА БУНЁДКОРИВУ СОЗАНДАГӢ.**



Дар ҳақиқат, он рисолате, ки барои ваҳдату сулҳофарӣ буд, иҷрову амалӣ гардидааст. Кишвари мо қатъи назар аз ҳама мушкилоту монеаҳо аз ҷанги шаҳрвандӣ наҷот ёфт ва халқи тоҷик имрӯз дар фазои сулҳу осоиштагиву муттаҳидӣ зиндагӣ дорад, ки ин бузургтарин неъмат аст. Зеро, ин сулҳу ваҳдати бадастомада буд, ки мо Истиқлолияти давлатиро ҳифз кардему таҳким бахшидем ва дар ҳошияи он ба созандагиву бунёдкорӣ ноил гардидем.

Дар ҳақиқат бунёдкориҳову созандагиҳо маҳз, бо шарофати сиёсати оқилонаи Пешвои муаззами миллат барои мо ба миён омадаанд. Бахшида ба 30-солагии истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурӣ ҳудуди 30 ҳазор иншоотҳои гуногун мавриди истифода қарор дода шудаанд. Ин маънои онро дорад, ки дар кучактарин деҳаи дурдасти кӯҳистони мо низ ҳатман иншооте бунёду мавриди истифодабарӣ қарор дода шудааст. Боз ҳам мавриди истиқболу қаноатмандӣ мебошад, ки бахшида ба 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ даҳҳо ҳазор иншоотҳо лоиҳакашӣ гардидаанду ба нақша гирифта шудаанд.

Дар ин сафар, барои мо паҳлуҳои хотирмону ба ваҷдоваранда зиёд буданд. 170 нафаре, ки дар ин ҳайат қарор доштем, ба ду гурӯҳ тақсим гардида, аз мавзеъҳои зиёди сохтмон дидан намудем. Бояд зикр намуд, ки дар ин ҳайат устодону кормандони ботаҷриба зиёд буданд, ки қисмати муайяни онро бонувон низ ташкил медоданд. Аз роҳбарияту масъулони нерӯгоҳ миннатпазир ҳастем, ки моро хуб қабул намуданд ва аз бисёр воқеиятҳо огоҳ намуданд.

Ҷамъияти меҳнатии НБО-и «Роғун» хеле бузург аст ва имрӯз зиёда аз 14,5 ҳазор нафар дар иншооти мазкур софидона меҳнат мекунанд. Зиёда аз 3500 техникаву таҷҳизоти замонавӣ дар минтақаҳои гуногуни ин нерӯгоҳ дар пайи кор қарор доранд.

НБО-и «Роғун» аҳаммияти байналхалқӣ дорад ва боз ҳам сиёсати оқилонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки дар бунёди он ягон монеа вуҷуд надорад. Масъалаҳои марбут ба бунёди он аз ташхиси ҳамагуна комиссияҳои сатҳи байналмилалӣ муваффақона гузаштаанд. Бунёди ин нерӯгоҳ барои кишварҳои ҳамсояи мо, махсусан, Ӯзбекистону Туркманистон Қазоқистон низ манфиату аҳаммият хоҳад дошт. Зеро, дар солҳои камобиву хушксолӣ обанбори «Роғун» ҳамчун манбаи захираи об мушкилоти зиёдеро



осон карда метавонад. НБО-и «Роғун» мантиқан ҳадафи чоруми стратегии кишвари моро амалӣ менамояд.

Дастовезу туҳфаи мо барои кормандони ин нерӯгоҳ теъдоди муайяни китобҳо ва рӯзномаву маҷаллаҳо буд. Ҳамзамон, Ансамбли халқии «Наврӯз»-и донишгоҳ бо барномаи махсуси ҳунарӣ табъи кормандони сохтмонро болида гардониданд.

НБО-и «Роғун» ва ДМТ ду ҷамъияти бузурги меҳнатӣ дар ҷумҳурӣ ба шумор мераванд. Як нуктаи дигар мавриди зикр аст, ки агар Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон то имрӯз 19 маротиба аз НБО-и Роғун дидан карда бошанд, дар ин муддат, 15 маротиба ба ДМТ ташриф овардаанд, ки ин далел фарогири мантиқи махсус мебошад.

**Аз ин сафар мо чӣ мехоҳем?**

**НБО-и «Роғун» иншооти аср, меваи истиқлолияту ваҳдат ва намунаи заҳмату нангу номуси халқи тоҷик барои наслҳои имрӯзу минбаъда мебошад.**

Бо роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёди ин нерӯгоҳ аз нав оғоз гардид ва он ҳатман пурра ба анҷом мерасад. Бояд халқи тоҷик имрӯзу оянда воқиф бошанд, ки НБО-и «Роғун» иншооти беназир аст ва он бо бузургии худ дар радифи бузургтарин нерӯгоҳҳои (НБО) ҷаҳонӣ қарор мегирад. Бунёди ин нерӯгоҳ таҳаввулоти бузурги иқтисодиву саноатӣ дар ҳаёти халқи тоҷик мегардад. Ҳамаи ин нуктаҳоро устодону муҳаққиқони донишгоҳ дарк мекунанд, нозукиҳои сохтмонро аз наздик диданд ва ҳар нафаре вобаста ба он ҳатман диду назари худро дорад.

Бинобар ҳамин, имрӯз НБО-и «Роғун» ба як корғоҳи нангу номус барои миллати тоҷик табдил ёфтааст ва бояд ҳамаи мо нисбат ба ин иншооти тақдирсоз бетафовут набошем. Дар ин самт бошад, ҳар фарди зиёӣ, ки дар донишгоҳи азизамон фаъолият дорад, бо мавқеи ватандӯстии худ дар бунёду васфи аҳамияту қимати он ҳиссагузор буда метавонад.

Бори дигар аз номи кулли устодону кормандону шогирдони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба Пешвои муаззами миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори сипос менамоем, ки бо дастурҳои оқилонаашон чунин сафарҳои хотирмон роҳандозӣ мегарданд ва ҳамаи мо аз ин мактаби бузурги бунёдкориву созандагӣ дар НБО-и «Роғун» як олам маъниву таассуротро ҳосил карда метавонем.



Ориф МУМИНЗОДА
ассистент кафедры транспортного права и права пользования природными ресурсами

*С момента приобретения государственной независимости Республикой Таджикистан, а также, переходом к рыночным отношениям, транспортная отрасль имея важную стратегическую роль становится одним из важных и необходимых направлений развития страны.*



Фуркат КУРБОНАЛИЗОДА
старший преподаватель кафедры транспортного права и права пользования природными ресурсами

# РАЗВИТИЕ ТРАНСПОРТНОЙ СИСТЕМЫ



**Транспорт, как вид хозяйственной деятельности… является неотъемлемой составной частью материального производства, который направлен на перевозку пассажиров и грузов. Его еще образно называют кровеносной системой страны, отмечая тем самым жизненно необходимую роль транспорта в обеспечении политико-административной целостности и безопасности государства в нормальном функционировании сложного хозяйственного комплекса страны.**

С целью своевременного исполнения указаний и распоряжений Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона, а также для утверждения социально-экономического стратегического направления страны – выхода из коммуникационного тупика и преобразования Республики Таджикистан в транзитную страну, обеспечение макро-экономических показателей страны и для утверждения фундаментальных мер в период независимости были выполнены следующие задачи.

Одним из первостепенных шагов в этом направлении являлось подписание и присоединение Республики Таджикистан к ряду международных соглашений и конвенций в сфере транспорта.

**Двустороннее и многостороннее сотрудничество в области транспорта со странами ближнего и дальнего зарубежья реализовываются на основе 50 межправительственных соглашений и международных конвенций, в том числе 21 двусторонних соглашений с 13 государствами, 20 многосторонних соглашений и 9 конвенций, а также 11 двусторонних соглашений находятся на стадии обсуждения и подписания.**

Развитие транспортного комплекса страны в период независимости начинается с 1997 года.

Для реализации стратегических задач при совместном плодотворном сотрудничестве вопросами повышения единых дорожных сетей, соединения транспортных международных коридоров, обеспечение непрерывной транспортной связи с соседними странами, совершенствования разработки и приведение в соответствие международных требований нормативно-правовых актов данной сферы имеет первостепенное значение.

В своём Послании к Маджлиси Оли РТ Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент РТ, уважаемый Эмомали Рахмон при определении внешней и внутренней политики государства отметил, что: «В последние годы дорожно-транспортная сфера также развивается устойчиво и планомерно, в результате чего мы добились одной из стратегических целей, то есть вывода страны из коммуникационного тупика.

С этой целью в годы независимости в транспортной сфере страны были осуществлены 53 государственных инвестиционных проекта на сумму 20,3 миллиарда сомони, были построены и сданы в эксплуатацию более 2200 км дорог, имеющих международное значение.

Проделанные работы в этой сфере создали условия для того, чтобы позиция Таджикистана в мировом рейтинге качества дорог, который ежегодно проводится международным исследованием «Отчет о глобальной конкурентоспособности», в течение двух последних лет улучшилась на 20 ступеней. Таджикистан в соответствии с данными Мирового экономического форума среди 141 государства, охваченного исследованием, занимает 50-е место.

В этом направлении в ближайшие годы мы должны построить и сдать в эксплуатацию еще более 1500 км международных дорог.

В эти дни в транспортной сфере продолжается реализация 15 государственных инвестиционных проектов на общую сумму 8 миллиардов сомони, и в текущем году завершится реализация 4-х государственных инвестиционных проектов... Для строительства и реконструкции транспортной и коммуникационной инфраструктуры, создания транзитных транспортных коридоров в текущем году начнется реализация еще 10 государственных инвестиционных проектов на общую сумму 8 миллиардов сомони».

Необходимо отметить, что эти указанные инвестиции были направлены на строительство и реконструкцию дорог, создание приграничных терминалов и логистических центров, транспортных коридоров для соответствия уровня обслуживания международным стандартам.



# ҚАДАМИ НАВБАТИИ УСТУВОР ДАР САМТИ ҲУҚУҚИ ИНСОН



Моҳира ИСМАТОВА
ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ

Яке аз унсурҳои марказии давлати ҳуқуқбунёдро эътироф ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ташкил медиҳад. Бо ин мақсад, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ ба масъалаи эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ҳуқуқи инсонро дар сатҳи конститутсионӣ ба сифати арзиши олӣ эътироф намудааст.

Бояд ёдовар шуд, ки Тоҷикистон пас аз касби Истиқлоли давлатӣ ба узвияти як қатор ташкилотҳои байналмилалӣ ворид шуда, дар заминаи онҳо санадҳои зиёдро, ки марбут ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мебошанд, ратификатсия намуд. Албатта, замоне давлат санади байналмилалиро ба мавриди эътирофнамоӣ қарор медиҳад, соҳиби як қатор ӯҳдадориҳо мегардад, минҷумла дар самти ҳуқуқи инсон.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар амал иҷро намудани ӯҳдадориҳои байналмилалии худ дар самти ҳуқуқи



инсон як қатор мақомоти салоҳиятдори давлатиро таъсис дода, санадҳои меъёрии ҳуқуқии мухталифро қабул кардааст, ки далели ин гуфтаҳо қабул гардидани Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038 мебошад. Албатта, қабул намудани Стратегияи ишорашуда боз як қадами устувор дар самти муаррифии Тоҷикистон ба сифати давлати ташаббускор дар соҳаи ҳуқуқи инсон мебошад.

Дар заминаи ин ҳуҷҷати ҳуқуқӣ конунгузории миллӣ дар самти ҳуқуқи инсон бо дарназардошти манфиатҳои халқи тоҷик ва давлату Ҳукумати кишвар ба меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон мутобиқ карда мешаванд. Ҳамаи ин амалҳо имконияти вокеиро фароҳам меоранд, ки Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ бори дигар ба сифати давлати ташаббускор дар самти ҳуқуқи инсон шинохта шавад. Мо низ ба ин дурнамо умеди комил дошта, талоши ҳамешагии худро бахри эътирофнамоӣ, амалисозӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дар кишвар равона менамоем.

# ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА СОХТМОНИ НБО-И РОҒУН



Некруз ҚОДИРОВ
мудири кафедраи
ҳуқуқи байналмилалӣ, дотсент

*Яке аз соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятию давлатӣ коркарди неруи барқ маҳсуб меёбад. Зеро бо аз худ кардан ва зиёд гардидани манбаҳои неруи барқдиҳанда, заминаи мусоид барои расидан ба ҳадафи чоруми кишвар – саноаткунонии босуръати мамлакат гузошта мешавад.*

Дар баробари ин, Тоҷикистон бо дарназардошти захираҳои бои обии хеш ва талаботи кишвар ба неруи барқ ба истеҳсоли он ва рушди босуботи соҳа аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад. Тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ НБО-и «Сангтӯда-1», НБО «Сангтуда-2», ба истифода дода шудаанд, ки дар роҳи расидани кишвар ба истиқлолияти энергетикӣ қадами бузург ба ҳисоб мераванд.

Вобаста ба НБО-и «Роғун» ҳамчун иншооти азими гидроэнергетикӣ қайд намудан зарур аст, ки ҳанӯз соли 1974 аз ҷониби ИҶШС лоиҳаи техникии он тасдиқ шуда буд. Фаъолияти ҳамонвақтаи давлати шуравӣ оид ба сохтмони ин иншооти бузург то ба охир давом накарда, пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ин ҷараён боз дошта шуд. Соли 2008 корҳои сохтмону барқарорсозии НБО-и «Роғун» аз нав оғоз гардид ва бо маблағгузории Ҳукумати ҶТ ва шарикони хориҷӣ то ҳол идома дорад. Барои давом додани сохтмони НБО-и «Роғун» ҷумҳуриҳои поёноби Амударё зиддият нишон медоданд. Сабаби норозигии собиқ роҳбарияти ин ҷумҳуриҳо хатари рӯй додани зилзилаҳо дар атрофи сарбанд, ки бо баландии 335 метр ба нақша гирифта шуда буд ва кам гардидани резиши миёнаи оби Амударё ва обёрӣ намудани заминҳои давлатҳои поёноб фаҳмида мешуд.

Барои санҷидани зарари экологии НБО-и «Роғун» ва обанбори он, ҳамин давлатҳо ба СММ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ мурочиат намуданд. Бо маблағгузории Бонки Ҷаҳонӣ сохтмони НБО-и «Роғун» ва обанбори он тахминан 3 сол аз санҷиши ҷиддӣ гузаронида шуданд ва барои муҳити атроф ва экологияи минтақа безарар дониста шуданд.

Тоҷикистон барои бунёди НБО-и «Роғун» Консорсиуми байналмилалӣ эълон кард, аммо ин ҳам ба бархурди геополитикӣ дучор гашт. Сарвари давлат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари Порлумони Иттиҳоди Аврупо исбот намуд, ки ба бунёди иншооти азими аср «Роғун» миллати тоҷик ҳуқуқи комил дорад ва ин иқдом аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо ва ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфт.

Аввалин Шартнома оид ба сохтани НБО-и «Роғун» соли 2005 байни Тоҷикистон ва Ширкати «Русал»-и Федератсияи Русия ба имзо расонида шуд, вале он амалӣ нагардид. Тоҷикистон 29 августи соли 2007 он шартномаро бо ширкати «Русал» бекор карда, азм кард, ки ин неругоҳро бо маблағи худ месозад.

**Бо ҳамин мақсад, ҷамъияти саҳҳомии кушодаи НБО-и «Роғун» таъсис ва ойинномаи он 15 апрели соли 2008, бо сармояи 116 млн сомонӣ тасдиқ гардид ва соли 2009 ҳадди ин сармоя ба 6 млрд сомонӣ расонида шуд.**

Дар ин замина, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳакории байналмилалии худро бо дигар давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ дар ин самт идома дода истодааст. Дар ин самт, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ қабул гардидаанд, ки муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим мекунанд.

**Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ зиёда аз 40 Созишномаҳоро дар самти обу энергетика ба имзо расонидааст. Аз ҷумла, Ҳукумати Тоҷикистон бо ширкати сохтмонии Salini Impregilo (Италия) (1 июли соли 2016) қарордоде ба имзо расонид, ки барои сохтмону ба кор даровардани агрегатҳои НБО-и Роғун 3,9 млрд доллари амрикоӣ пешбинӣ шудааст. Танҳо барои бунёди сарбанди НБО-и «Роғун», 1 миллиарду 950 миллион доллар маблағ сарф гардидааст.**

Қобили зикр аст, ки дар баробари шартномаҳои байналмилалӣ байниҳукуматӣ миёни ҷамъияти саҳҳомии кушодаи НБО-и «Роғун» бо ширкатҳои сохтумонии ватанию хориҷӣ як қатор созишномаҳо ба имзо расонида шудаанд.

**Айни замон дар НБО-и «Роғун» зиёда аз 60 ташкилотҳои ватанӣ ва 5 ширкатҳои хориҷӣ, аз ҷумла, Ширкатҳои сохтумонии давлатҳои Италия, Шветсария, Шветсия, Чин, Эрон, Русия ва Ҳиндустон фаъолият доранд. Дар ин иншооти муҳимми аср зиёда 14,5 ҳазор нафар мутахассисону коргарон машғули кор буда, зиёда аз 2100 адад техника ва мошину механизмҳо сафарбар гардидааст.**

**Афзалиятҳои истеҳсоли қувваи барқро тавассути НБО-и «Роғун» назар ба воситаҳои дигари истеҳсол, ба монанди, энергияи атомӣ, гармӣ ва дигар воситаҳои ғайрианъанавӣ, мо дар он мебинем, ки:**

**- якум, аз лиҳози экологӣ тоза буда, таъсири зарарнокро ба муҳити зист ва аҳолӣ надорад;**

**- дуюм, арзиши нисбатан арзонро дорад, ки коркарди барқ тавассути ин восита харачоти камро талаб менамояд;**

**- сеюм, он ягон партовҳои хатарнокро ба атмосфера надорад.**




Бояд ёдовар шуд, ки 16 ноябри соли 2018 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва бо иштироки намояндагони кишварҳои ҳамсоя, ташкилоту созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ба оғози агрегади якуми НБО-и «Роғун» асос гузошта шуд. Пешвои миллат доштанд, ки ҳоло 98 фоизи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда мешавад ва аз рӯйи ин нишондиҳанда, яъне фоизи истеҳсоли «энергияи сабз» кишвари мо дар ҷаҳондар қатори давлатҳои Чин, Руссия, Амрико, Бразилия, Ҳиндустон ва Канада ҷойи шашум ва дар Осиёи Марказӣ ҷойи якумро ишғол менамояд.

Вобаста ба асосҳои болозикр қайд намудан зарур аст, ки дар баробари ба итмом расидани сохтмони иншооти азими аср – НБО-и «Роғун» манзили мардум гарму равшан, иқтидори иқтисодии мамлакат афзун ва нуфузи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ баланд мегардад.

# РОГУНСКАЯ ГЭС - НЕЗАМЕНИМОЕ ДОСТИЖЕНИЕ СУВЕРЕННОГО ТАДЖИКИСТАНА

*В последние пару лет трансформация политических процессов в центральноазиатском регионе существенно потерпела изменения и вошла в новый этап своего развития. Процессы, связанные со строительством Рогунской ГЭС, показали, что Таджикистан может реализовывать и осуществлять свою долгосрочную программу развития. Данный дискурс связан, прежде всего: во-первых, с наличием политической воли и во-вторых, с пониманием гражданами важности реализации подобного проекта.*

На фоне этих позитивных изменений следует отметить, что 16 ноября 2018 года был запущен первый агрегат Рогунской ГЭС, что в новейшей истории Таджикистана является знаковым достижением. Это событие принесло много радости гражданам страны и укрепило их уверенность в завтрашнем дне, в деле наращивания экономического потенциала и обеспечения энергетической независимости. Рогунская ГЭС для граждан Таджикистана – это больше чем обычная гидроэлектростанция.

Рогунская ГЭС в системе современных приоритетов Таджикистана Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года: обеспечение энергетической безопасности и эффективное использование электроэнергии строительство освоение огромных гидроэнергетических ресурсов страны необходимо для экономического преобразования Таджикистан.

Следует подчеркнуть что роль Лидера нации Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмон в достройке Рогунской ГЭС значительна.



Шахноза РАХМОНОВА
студентка 2-го курса

На сегодняшнем этапе развития страны основными национальными интересами Таджикистана являются обеспечение национальной безопастности, политической независимости, территориальной целостности, укрепление светскости государства и стабильного развития общества.

**9 августа 2023 года Основатель мира и национального единства - Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон ознакомился с ходом работ по строительству подъездного тоннеля АСТ-3 « Рогунской ГЭС ». Этот тоннель находится на высоте 1043 метра над уровнем моря, а его длина составляет 387 метров.**

В настоящее время работы по проходке тоннелей и временному укреплению выполняет открытое акционерное общество «Точикгидроэлектромонтаж». Привлечения высококвалифицированных рабочих и специалистов в ход страительного процесса согласна требованиям позволили выполнить работы в соответствии с предусмотренными требованиям.Уважаемый глава государства Эмомали Рахмон поручил рабочими специалистам и соотвествющим должностным лицам эффективно использовать имеющиеся возможности, усилить строительный процесс и завершить работу в установление проектом сроки.

Уникальность Рогунской ГЭС заключается в том, что в процессе строительства возможно вырабатывать электроэнергию, продавать и накопленный капитал использовать для завершения строительства.

Таким образом, в системе современных приоритетов Таджикистана с Рогунской ГЭС связаны жизненно-важные перспективы, и процесс завершения строительства продемонстрировал наличие естественных ожиданий граждан и вырабатывания прецедентов, которые в целом, для реализации национальных интересов Рогунской ГЭС можно приравнять к тем мерам, которые существенно ускоряют процесс формирования гражданской идентичности.

# НИЗОМИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Акмал БУРИЕВ
ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодабарии сарватҳои табиӣ

Ватандӯстӣ дар қатори эҳтиром ба арзишҳои миллӣ яке аз қисматҳои фарҳанги халқи тоҷик ба ҳисоб меравад. Дар сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат ватандӯстӣ арзиши меҳварӣ буда, тарғиби ғояҳои ватандӯстӣ, эҳтиром ба Ватан, худшиносӣ ва худогоҳӣ ҳидоятҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд.

Аз ин рӯ, қабули Қонуни ҶТ "Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон" иқдоми наҷиб буда, натиҷаи дастгирӣ ва татбиқи сиёсати Пешвои миллат аст. Бо қабули Қонуни мазкур низоми даҳлдори тарбияи ватандӯстӣ ташаккул ёфта, дар заминаи сохторҳои мухталиф чорабиниҳои даҳлдор дар ин самт андешида мешавад.

Мувофиқи моддаи 1 қонуни мазкур низоми тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ин маҷмуи субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ, заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ, маънавӣ-ахлоқии фаъолияти таълимӣ ва оммавию тарбиявӣ, инчунин маҷмуи тадбирҳо ҷиҳати ташаккули тафаккур ва ҳисси ватандӯстии шаҳрвандон мебошад. Аз меъёри зикршуда маълум мегардад, ки низоми тарбияи ватандӯстӣ васеъ буда, унсурҳои зеринро фарогир аст:

а) субъектони тарбияи ватандӯстӣ;

б) заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ, маънавӣ-ахлоқии фаъолияти таълимӣ ва оммавию тарбиявӣ;

в) маҷмуи тадбирҳо ҷиҳати ташаккули тафаккур ва ҳисси ватандӯстии шаҳрвандон.

Субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ мақомоти давлатӣ ва мақомоти дигари идоракунандаи соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, коллективҳои меҳнатӣ, эҷодӣ, илмӣ, ҳарбӣ ва ғайра, муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳои фарҳангӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятию давлатии шаҳрвандон ва ҳамватанони берун аз марз истиқоматдошта, ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, воситаҳои ахбори омма, оила, шаҳрвандон мебошанд.

Заминаи меъёрию ҳуқуқии тарбияи ватандӯстиро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҶТ "Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон" аз 24 декабри соли 2022, «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» ва «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» ташкил медиҳад.



Бояд иброз намуд, ки муассисаҳои таълимӣ дар тарбияи ватандӯстии насли наврас дар ҷомеаи имрӯза нақши муҳимтаринро иҷро менамоянд. Ин ба як қатор омилҳои ташкилӣ ва иҷтимоию равонӣ, ба хусусиятҳои синну соли мактаббачагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва донишҷӯён дар муассисаҳои таълимии миёна ва олии касбӣ вобаста аст. Ба назар чунин мерасад, ки барои самарабахш гардидани кори муассисаҳои таълимӣ дар тарбияи ватандӯтии наврасону ҷавонон тадбирҳои зиёдеро роҳандозӣ намуда, давра ба давра амалинамоии онҳо зарур дониста мешавад.

Ҳамчунин, оила зинаи ибтидоӣ дар низоми тарбияи ватандӯстӣ ҷойи махсусро ишғол мекунад. Бо назардошти он ки тарбияи ватандӯстӣ ҷузъи тарбия аст, аз ин рӯ, нақши оила дар тарбияи ватндӯстии шаҳрвандон бағоят бузург аст. Яке аз мушкилоти ҷомеаи муосир ин дар замири кӯдакону наврасон эҳё накардани ҳиссиёти ватандӯстӣ мебошад. Барои рафъи ин мушкилот бояд нахуст ба решаёбии ин мушкил дар оила пардохт. Зеро хонавода аввалин муҳитест, ки кӯдак ба онҳо пайравӣ мекунад. Дар баробари оила омӯзгорони мактаб, расонаҳои оммавӣ, аз ҷумла, матбуот ва алалхусус телевизион, метавонанд барои баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстии кӯдакон нақши муассире дошта бошанд.

Ҳамин тавр, аз шаҳрванди оддӣ оғоз шуда, то ҷомеа, омӯзгор ва мақомоти ваколатдори давлатӣ субъектони тарбияи ватандӯстӣ буда, уҳдадор мебошанд, ки дар асоси конунгузорӣ ва барномаҳои қабулшуда чораҳои даҳлдори мафкуравӣ, идеологӣ ва ташкилиро ҷиҳати дар замири қишрҳои алоҳидаи ҷомеа ҷой намудан ва боло бурдани тарбияи ватандӯстӣ чораҳои даҳлдор андешанд.

# ЭКСТРЕМИЗМ И ТЕРРОРИЗМ ФОРМЫ ПРОЯВЛЕНИЯ АГРЕССИВНЫХ ДЕЙСТВИЙ



Одилбек МАВЛОНАЗАРЗОДА
заведующий кафедрой предпринимательского и коммерческого права, дотсент

В послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики Таджикистан» от 23 декабря 2023 года было отмечено, что Таджикистан и впредь будет вносить достойный вклад в решение таких проблем международного сообщества, как борьба с терроризмом, транснациональной организованной преступностью, контрабандой оружия и наркотиков, киберпреступностью, а также устранение и адаптация к последствиям изменения климата. То есть, борьба с экстремизмом и терроризмом, была в нем провозглашена в качестве одной из важнейшей государственных задач.

Экстремизм и терроризм в любых формах своих проявлений превратились в одну из самых опасных проблем, с которыми человечество вошло в XXI столетие. Терроризм представляет реальную угрозу национальной безопасности страны формами его проявление, похищение людей, взятие заложников, угон самолетов, взрывы бомб, акты насилия в этно-конфессиональных конфликтах, прямые угрозы их реализация. Поэтому проблема противодействия терроризму и экстремизму в Республики Таджикистан – это одна из наиболее важных задач обеспечения безопасности на государственном уровне.

Правовую основу борьбы с экстремизмом и терроризмом составляют: Конституция Республики Таджикистан, Уголовный кодекс Республики Таджикистан, Кодекс Республики Таджикистан об административных правонарушениях, Закон Республика Таджикистан: «О противодействии экстремистской деятельности» и. т. д.

Опасность террористического акта заключается еще и в том, что к нему невозможно подготовиться заранее, поэтому гражданам следует всегда быть настороже. В настоящее время экстремизм и терроризм являются реальной угрозой национальной безопасности Республики Таджикистана. Экстремизм - это исключительно большая опасность, способная расшатать любое, даже самое стабильное и благополучное общество.

Одним из ключевых направлений борьбы с экстремистскими и террористическими проявлениями в общественной среде выступает их профилактика.

Особенно важно проведение такой профилактической работы среды молодежи, так как, именно молодое поколение в силу целого ряда различных факторов, является наиболее уязвимым в плане подверженности негативному влиянию разнообразных антисоциальных и криминальных групп.

Лидеры экстремистских группировок различного толка вовлекают молодежь в свои объединения, часто обещая ей легкое решение всех проблем, в том числе и материальных. Неокрепшие молодые в плане умственно развития люди зачастую даже не задумываются о том, что участвуя в деятельности подобных формирований, они не только не решают свои существующие проблемы, но и создают себе многочисленные новые проблемы, по сути, уничтожают тем самим свое будущее.

Безусловно, проводить профилактику по предотвращению экстремизма и терроризма среди молодежи намного выгоднее, чем ликвидировать последствия подобных явлений.

**Можно, в частности, предложить ряд действия, направленны на уменьшение радикальных проявлений в молодежной среде.**

**Первое – разработка и проведение комплексных мероприятий по формированию правовой культуры в молодежной среде. В частности, этому могло бы способствовать существенное расширение юридической составляющей в воспитании и образовании.**

**Второе - воспитание у молодежи толерантного мировоззрения, терпимого отношения ко всем людям, вне зависимости от их национальности, религии, социального, имущественного положения и иных обстоятельств.**

**Третье - совершенствование вопросов механизма досуга и отдыха молодежи. Не секрет, что многие молодые люди попадают в различные радикальные организации, во многом, из-за отсутствия желания, а нередко и возможности проводить свое свободное время с пользой для души и тела. Государству необходимо заботиться о том, чтобы не только в крупных городах, но и в самых небольших населенных пунктах активно действовали клубы, дома культуры, кинотеатры, музеи и другие социально-культурные заведения.**

**Четвертое - повышение уровня социальной и материальной защищенности молодежи, помощь в трудоустройстве молодых специалистов, поддержка жилищных программ для молодежи.**

Наиболее эффективным средством массового информационного воздействия террористов на молодежь в последнее время становится интернет. Причины популярности Интернета это - легкий доступ аудитории, к нему обеспечение анонимной коммуникации, глобальное распространение, высокая скорость передачи информации, дешевизна и простота в использовании, мультимедийные возможности.

Экстремистские ресурсы широко используют средства психологической войны, в том числе дезинформацию, запугивания, манипуляцию общественным сознанием, подмену понятий и фактов.

Следует более широко вовлечь всю общественность в борьбе с проявлениями экстремизма и терроризма а не только правоохранительные органы государства. Только совместная работа всех государственных и общественных структура в состоянии искоренить элементы экстремизма и терроризма в обществе.

# ФАХРИ ТОҶИК, ФАРРИ ТОҶИК РОҒУН АСТ!

## (дар баёни таассурот аз сафар ба НБО-и «Роғун»)



**Исроил САЛОМОВ**
**муовини декан оид ба корҳои тарбиявӣ, дотсент**

Санаи 18 августи соли 2023 ҳайати устодону кормандони ДМТ бо дастгирии раёсати Донишгоҳ ба НБО-и «Роғун» як сафари хотирмоне доштанд. Зеро, бори аввал дар чунин ҳайати бузург устодону кормандони Донишгоҳ аз ин иншооти бузург боздид карданд. Мақсади сафар арҷгузорӣ ба сиёсати бунёдгаронаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва тарғиби пешрафт, ободию осудагӣ ва ояндаи дурахшон доштани кишвар маҳсуб меёбад.

Воқеан, тасмими раёсати Донишгоҳ дар ин самт оқилона ва дурбинона аст. Сафари ҳайати устодону кормандони баъд аз ташрифи Пешвои миллат ба НБО-и «Роғун» сурат гирифт. Воқеан, баъди аз наздик мушоҳида кардани ин иншооти азими аср шахс эҳсос менамояд, ки дарвоқеъ Пешвои миллат абармардест, ки тамоми ҳастияшро барои ояндаи дурахшони ин сарзамин бахшидааст.

Дар ҷараёни дидан кардан аз ин иншооти ояндасоз аён гардид, ки тибқи маълумоти IRENA, дар соли 2021 иқтидори умумии нерӯгоҳҳои барқи обӣ дар Тоҷикистон аз 5274 МВт расидааст, ки истифодаи он метавонад мамлакати моро ба як аз кишварҳои асосии тавлидкунандаи неруи сабз табдил диҳад.

Зеро, Тоҷикистон ба рушду таҳкими соҳаи гидроэнергетика аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад. Дар доираи татбиқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ҳукумат на танҳо корҳои навсозии техникии иншоотҳои инфрасохтори гидроэнергетикиро, балки ба такмили сохтори муҳити соҳибкорӣ ба мисли ислоҳот ба такмили механизми бозор, фароҳам овардани муҳити рақобат, афзоиши фоидаи корхонаҳои сӯзишворӣ ва энергетикӣ фаъолияташро равона намудааст.

Ҳамчунин, бояд қайд кард, ки муҳимтарин лоиҳаи имрӯзаи Тоҷикистон неругоҳи барқи обии Роғун дар рӯдхонаи Вахш мебошад. 6 агрегат бо иқтидори умумии 3600 МВт пешбинӣ шудааст, ки истеҳсоли миёнаи солонаи он 13,8 миллиард кВт/соатро ташкил медиҳад.

Неругоҳи барқи обии Роғун (НБО Роғун) – неругоҳи барқи обии калонтарин дар дарёи Вахш мебошад, ки сохтмонаш давом ёфта истодааст. Ба маълумот дода шуд, ки ин неругоҳ дар ҳолати пурра ба кор даромаданаш дар як сол метавонад 17млрд кВт-соат нерӯи барқ ҳосил кунад.

**16 ноябри соли 2018 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вазъияти тантанавӣ агрегати якуми Неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро ба кор даровrepresentation.**

Ҳайати гурӯҳи устодону кормандон аз агрегати дуюми Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун»дидан карданд, ки онро санаи 9 сентябри соли 2019 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кор даровarданд.



**Ҳамин тавр, воқеан боздид аз ин неругоҳ дар дилу дидаи ҳар як шаҳрванди ватандӯсти кишвар шуълаи умед ба ояндаи дурахшони Ватанро қавитар мегардонад. Ман аз ҳар як шаҳрванди кишвар даъват ба амал меорам, ки ҳатман аз рафти корҳои сохтмонӣ дар ин иншооти азим дидан намоянд, то ки аз муъҷизаи заминӣ огаҳӣ пайдо созанд.**

Бо истифода аз ин фурсати муносиб миннатдории бепоёни худро ба ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳтарам Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт мерасонам, ки бо чунин иқдоми наҷиб мо омӯзгоронро ба ин кохи нур, Неругоҳи барқи обии Роғун сафарбар намуданд.

# ИСТИҚЛОЛИЯТ МУҚАДДАС, НИГОҲДОШТИ ОН МУҚАДДАСТАР

Истиқлолият нишонаи мавҷудияти озодию соҳибихтиёрӣ дар ҳар як кишвар аст. Агар ба адабиётҳои ҳуқуқӣ назар афканем, маълум мегардад, ки бе мавҷудияти соҳибихтиёрӣ давлат вуҷуд дошта наметавонад. Яъне дар баробари ҳокимияти оммавӣ, ҳудуд, аҳолӣ, мавҷудияти ҳуқуқ, соҳибихтиёрӣ яке аз аломатҳои асосии давлат маҳсуб меёбад. Ҳамчунин, агар ба таърихи миллатҳо назар афканем, бо доштани ҳама аломатҳои дигари давлат, ба истиснои соҳибихтиёрӣ онҳо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлат эътироф намегардад ва расман эътироф намегарданд.

Хурсандибахш аст, ки миллати тоҷик баробари аз байн рафтани ҳокимияти шуравӣ соҳиби истиқлолият ва соҳибихтиёрӣ гардида, давлати мустақили худро ташкил намуд. Албатта, давлатдорию давлатсозӣ осон нест. Барои заҳматҳо, талошҳо ва ҷонбозиҳо зарур аст. Тавре ки Пешвои миллат дар баромади худ, вобаста ба Рӯзи дониш ва дарси сулҳ иброз доштанд, ки давлатдорӣ осон нест, немегузоранд, ки давлатдорӣ намоӣ. Воқеан, дар ҷараёни муборизаи абарқудратҳо ва эътирофияти худро сари давлатҳои хурд бор кардан расидан ба истиқлолият ва як давлати мустақил доштан кори саҳл нест.

Аз ин лиҳоз, ба даст овардани истиқлолият як масъала ва нигоҳдошти он масъалаи дигар аст. Агар ба адабиётҳои қадим ва муосир назар афканем, аён мегардад, ки давлатҳои зиёда вуҷуд доранд, ки истиқлолияти худро солҳои 20-уми асри XX ба даст овардаанд, аммо то ба ҳол дар он ҷойҳо суботу оромӣ ҳукмфармо нест.

Бинобар ин, бо амри тақдир миллати мо соҳибистиқлол гардид ва барои нигоҳдошти он фарзандони содиқи миллатро эҳдо намуд, ки ин неъмати бебаҳоро мисли гавҳараки чашм нигаҳбон бошанд. Дар ҳамин асно, соли 1992 Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун раиси Шурои Олӣ интихоб гардид ва нигоҳдошти Истиқлолияти давлатиро вазифаи аввалиндараҷаи худ эълон намуд. Дар шароити имрӯзаи мамлакат ҳамагон медоданд ва мебоexternal, ки дар он солҳои мудҳиш Эмомалӣ Раҳмон ба сари ҳокимият омад ва миллату давлатро аз нестшавӣ эмин нигоҳ дошт.




**Ҳамин тавр, ба чунин хулоса намудан лозим:**

**1. Истиқлолият барои ҳар як миллат муқаддас аст вале нигоҳдошти он муқаддастар.**

**2. Ҳар вақте ки мафҳуми Истиқлолият вирди забон меояд, шахсияти Пешвои миллат низ пеши назар ҳувайдо мегардад. Зеро нигоҳдошти Истиқлол аз заҳмату талошҳои ҷонгудози ин шахсият вобастагии амиқ дорад.**

**3. Насли солор, ҷавонон, наврасон ва дар маҷмуъ, ҳар як сокини мамлакат вазифадор аст, ки дар пайравӣ аз сиёсати давлатсозии Пешвои миллат сабақи ибрат гирифта, барои ба ояндагон мерос гузоштани кишвари ободу осуда, талошу заҳматҳои шабонарӯзӣ кашанд. Нигоҳдошти истиқлолият муттаҳидии мост!**



**Баҳодур АБДУЛЛОЗОДА**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия**

# ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ:
## САБАБУ ШАРОИТҲОИ СОДИРШАВӢ ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ОН



**Фирдавс МИРЗОАХМЕДОВ**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия**



Экстремизм (ифротгароӣ) ва шакли ниҳоии он – терроризм (даҳшатафканӣ) ҳам барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳам барои ҷомеаи мо хатари ҷиддии воқеӣ доранд. Аз ин рӯ, давлат ва ҷамъият пайваста талоши онро менамоянд, ки муқобили чунин кирдорҳо истодагарӣ карда, ба ин васила, оромию субот ва амнияти мардумро таъмин созанд.

Албатта, барои пешгирӣ кардани чунин кирдорҳои манфии ҷамъиятӣ муайян кардани сабабу шароитҳои содиршавии онҳо зарур аст. Сабабҳои пайдоиши терроризму экстремизм дар адабиётҳои ҳуқуқӣ мисли шаклҳои онҳо гуногун пешбинӣ шудаанд.

### САБАБҲО

**– сатҳи пасти дониши динӣ ва дунявӣ;**

**– сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ;**

**– моддӣ;**

**– идеологӣ;**

**– норозигӣ аз вазъи воқеӣ дар ҷомеа;**

**– пайдо намудани шавқ ба фаъолияти нав;**

**– ҷой доштани камбудиҳо дар тарбияи оилавӣ;**

**– коҳиш ёфтани сатҳи зиндагӣ;**

**– дар сатҳи паст қарор доштани фарҳанги иттилоотӣ;**

**– фаъолияти муболлиғони хориҷӣ ва ғайраҳо.**

Таҳлили сарчашмаҳо нишон медиҳанд, ки бештар ҳадафи асосии гурӯҳҳои террористию экстремистӣ ҷавонон, ки яке аз қишрҳои осебпазири ҷомеа мебошанд, қарор мегиранд.

Бояд иброз намуд, ки омилҳои муайянкардашуда дар самти шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ нишон дод, ки ин, пеш аз ҳама, зиёдаравӣ, ҳисси бегонапарастии онҳо аст. Баъзе ҷавонон аз бетарафии ҷомеа истифода бурда, дар хориҷи кишвар таҳсил карда, узви ягон ҳизби мамнуъ шуда, баргашта, ба вайрон кардани мафкураи ҷавонон машғул мешаванд. Аз ин лиҳоз, барои пешгирии ин бояд рафтори ҷавонон дар хориҷи кишвар низ зери назорати ҷиддӣ қарор гирад.

### ПЕНИҲОДҲО

Бо мақсади пешгирӣ намудани терроризму экстремизм, махсусан пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои мақзур, аз тарафи муҳаққиқон чунин чораҳо пешниҳод карда мешаванд:

- баланд бардоштани маърифат ва фарҳанги сиёсиву ҳуқуқии шаҳрвандони мамлакат, бахусус, наврасону ҷавонон;

- дар асоси барномаҳои махсус бо ҷавонон ва наврасон дар муассиссаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ, чорабиниҳо ва вохӯриҳо, маҳфилҳо, мизҳои мудаввар бо иштироки намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва кормандони ҷомеаи шаҳрвандӣ гузаронида шаванд.

**Дар ин робита, мувофиқи мақсад шуморида мешавад, ки амалҳо оид ба паст намудани зуҳуроти экстремистӣ дар муҳити ҷавонон ба самтҳои зерин равона карда шаванд:**

**– ба муносибгардонӣ ва беҳтар намудани муҳити иҷтимоии ҷавонон, дар он ташкил намудани фазои мусоид барои ҳамкориҳои созанда, тарғиби эҳсосоти мусбат аз иштирок дар амалишавии лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва ҳавасманд гардонидани ҷавонон аз натиҷаи ба дастовардаи он, инчунин, аз таҷрибаи ҳалли масоили насли ҷавон;**

**– ташаккули механизмҳои таҳлили ифротгароии ҷавонон, коркард намудани усулҳо барои нест кардани он ва дар ҷои он ташкил намудани соҳаҳои иҷтимоии созанда;**

**– ба вуҷуд овардани механизмҳои пурмаҳсули таъсир ба раванди иҷтимоикунонии ҷавонон ва ворид намудани онҳо ба фазои иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеа;**

**– баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар оила, мактаб ва муассисаҳои олӣ;**

**– аз рӯи имконият ба ҷои кор ва музди муносиб таъмин кардани ҷавонон;**

**– баланд бардоштани ҳамкории мақомоти давлатӣ бо ҷавонон;**

**– таъсис додани марказҳои ёрии равонӣ ба ҷавононе, ки бо мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд;**

**– баланд бардоштани нақши ҷавонон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ.**

### САМАРА ВА НАТИҶА

- ташаккули шахсияти таҳаммулпазир, пурмасъул, бомуваффақият, ки ба пос доштани арзишҳои миллӣ, шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ нигаронида шудааст;

- баланд бардоштани таъсири шуури иҷтимимоии зиёиёни пешқадам, боистеъдод, асарҳои бадеӣ ва мустанад, ки моҳияти одамбезории табиати экстремизм (ифротгароӣ)-ро ошкор сохта, барои ташаккули муносибатҳои дӯстона ба муҳити сермиллат таъсири мусбат мерасонанд;

- танзими сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳамаҷонибаи чораҳои пешгирикунанда, бо усулҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, идеологӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маъмурӣ дар ҳамбастагии мураккаби онҳо;

- маҳдудияти иҷтимоии гурӯҳҳои террористӣ, маҳрум намудани онҳо аз дастгириҳои дохилӣ ва берунӣ, ошкор ва нест кардани онҳо аз сарчашмаҳои маблағгузорӣ, аз ҷумла, даромадҳои ҷиноятии террористон ҳам дар дохил ва ҳам хориҷи кишвар, аз ҷумла, маҳдуд кардани террористон аз манбаъҳои пурра кардани силоҳ ва воситаҳои техникӣ, воридот ва фурӯши силоҳ;

- ошкор ва бартараф намудани сабабҳо ва шароитҳои пайдоиши терроризм, рушди сиёсати давлатии мубориза бо терроризм ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ, ҳамоҳангсозии қувваҳои сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, идоракунии марказонидашуда оид ба тамоми фаъолият барои пешгирӣ ва мубориза бар зидди терроризм, инчунин дастгирии ҳамаҷонибаи амалишавии чорабиниҳои ҳарбӣ, махсус ва идеологӣ.

Дар ин раванд, набояд ба он роҳ дода шавад, ки мафкураи кӯдакон бо иттилооти нолозим пур карда шавад, балки омӯзгорон, волидон, сохторҳои маориф, фарҳанг тадбирҳои мушаххас андешем, чорабиниҳои ҷолиб доир кунанд, ки бачагон ба он ҷалб гардида, дар тафаккури онҳо ақидаву афкори солим ҷо гардад. Алалхусус, дар деҳоти дурдаст ба касбомӯзӣ, ҳунаромӯзӣ, ба махфилҳои гуногун, мусобиқаҳои варзишӣ, ҷалб намудани бачагон эътибори ҷиддӣ диҳем.

# ИФРОТГАРОӢ ВА ПЕШГИРИИ ОН ДАР ҶОМЕА



**Содиқова Шаҳноза**
**корманди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Амнияти сайёра имрӯз яке аз мушкилоти ҷиддии ҷомеаи башарӣ ба шумор рафта, тамоми инсонҳои рӯйи дунёро ба ташвиш овардааст. Мушкилоти глобалии ҷаҳони муосир, аз қабили терроризм ва экстремизм зуҳуроти номатлуб дар саиёра арзёбӣ мегарданд. Хатари асосии ин зуҳурот шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгаро ва тундрав мебошад.

Аслан ба якчанд омилҳо қисме аз шаҳрвандони мамлакат, хусусан, ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористӣ шомил мегарданд:

**а) паст будани сатҳи худшиносии миллӣ;**

**б) зудбовар будани шаҳрванд дар ҷомеа;**

**в) шустушӯи мафкураи ин қабил афрод аз ҷониби гуруҳҳои ифротӣ;**

**г) қаблан аъзои ягон ҳизбу ҳаракати ифротии дигар ҳастанд;**

**д) надоштани дониш ва ҷаҳонбинии кофӣ;**

**е) дур будан аз маърифати ҳуқуқӣ;**

**ё) хурофотпарастии қисме аз аъзои ҷомеа ва ғайра.**

Аз ин рӯ, дар ҳар як Паёми худ Пешвои миллат оид ба ин вабои аср ва таҳдидҳои он дар шароити ҷаҳонишавӣ ибрози андеша намуда, мавзуи мазкурро мариди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳанд.

Бояд қайд кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар қатори созмонҳои ҷаҳонии ҳомии сулҳ ҳамчун узви ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ин самт қонунгузории худро баҳри пешгирии ин омили номатлуб мураттаб гардонида, чораҳои дахлдори қонуниро дар амал татбиқ менамояд.

Аз ҷумла, меъёрҳои алоҳидаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон кирдорҳои муайянеро ки хусусияти экстремистӣ доранд, инчунин, барои дастгирии ақидаҳои ифротӣ ва ташкилотҳои экстремистие, ки дар ҳудуди Тоҷикистон фаъолияташон мамнуъ мебошад, бо таҳдиди татбиқи ҷазо манъ кардааст. Аз ҷумла, дар моддаҳои 307-даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯрӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3071-даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти ифротгароӣ ва сафедкунии омммавии экстремизм, 3072-ташкили иттиҳоди экстремистӣ, 3073-ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ, 3074-ташкили таълим ё гуруҳи таълимии хусусияти динии экстремистидошта ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст.

Ҳамин тавр, дар заминаи ин тадбирҳо баҳри ҳифзи фазои орому осудаи кишвар, тамоми қишрҳои ҷомеаро мебояд, ки дар самти таъмини амнияту субот бетафовут набуда, кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки ҳамаи дастовардҳо, муваффақиятҳо ва осудагӣ, ки дар давоми Истиқлолияти давлатӣ ба дастовардаамон, дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳимоя карда шаванд.

# АМАЛИШАВИИ ОРМОНҲОИ МИЛЛӢ ДАР ПАРТАВИ СИЁСАТИ ИНСОНПАРВАРОНАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ



Исматов Рустам
докторанти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия

*Истиқлол волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату миллати тоҷдори тоҷик аст, ки 32 сол муқаддам насиби миллати тоҷик ва мардуми Тоҷикистон гардид. Истиқлолият чун рамзи озодию ягонагӣ ба мо тамоми имкониятҳоро фароҳам оварда, он чун хуршеди дурахшон роҳи ояндаи моро нуру зиё бахшид ва баҳри амалӣ намудани ҳадафу мақсадҳои неку неруи тозаро эҳдо сохт.*

Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намудаанд: "Истиқлолият барои ҳамаи наслҳои миллати мо, аз ҷумла, ниёгони сарбаландамон ормони воло, номаи тақдир, ҳифзи шарафу номуси ватандорӣ ва дар мушкилтарин лаҳзаҳои таърих бо сабру таҳаммули оқилона ва ҳусни тадбир дар ниҳоди давлатдории аҷнабиён пеш бурдани суннатҳои давлату давлатдории аҷдодӣ будааст".

Аз ин лиҳоз, баробари аз байн рафтани собиқ давлати шуравӣ, таърих барои миллати мо имконият дод, ки баъди ҳазорсолаҳо истиқлолият ба даст оварда, соҳиби давлати мустақилу озод гардем. Аммо ноҳалафон ва нотавонбинону ҳасудон бо дасиса ва сарпарастии хоҷагони хориҷии худ мамлакатро ба гирдоби оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида, анқариб миллат ва давлати навини тоҷиконро ба нестӣ расониданд. Хушбахтона, тири аду ба сомон нарасида, бо талошу заҳмат ва ҷоннисориҳои абармардони ин сарзамин дар Ватани мо сулҳу ваҳдат, оромию осудагӣ пойбарҷо гардид.

Барои расидан ба сулҳу оштӣ ва ваҳдати миллӣ саҳми Пешвои миллат беандоза бузург мебошад ва беҳуда мардум Эмомалӣ Раҳмонро меъмори сулҳу ваҳдати тоҷикон намегӯянд.

Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии нахустини худ ҳангоми ба мақоми Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудан иброз доштанд: "Ман кори худро аз сулҳ оғоз мекунам. Ман тарафдори давлати демократии ҳуқуқбунёд мебошам. Мо бояд ҳама ёру бародар бошем то ки ватро ором намоем. Ҳарҷи аз дастам ояд дар ин роҳ талош хоҳам кард."

Баробари ин, аз минбари баланди Иҷлосияи Шурои Олии ҶТ Пешвои миллат ба мардуми Тоҷикистон муроҷиат намуда, изҳор доштанд, ки "Ман ба Шумо сулҳ хоҳам овард". Ҳамин ҷумлаи соддаи пур аз самимият бо воқеият ёфтан роҳи равшану пайдои миллатро муқаррар сохт ва тоҷиконро аз вартаи нобудӣ наҷот бахшид. Зеро Пешвои миллат бо садоқат ба қавлу амали хеш ба ваъдаи худ вафо намуда, меъмори воқеии сулҳу ваҳдати тоҷикон гардиданд. Барҳақ, чун ҷумлаи соддаву самимӣ садои муҳаббату садоқати Пешвои муаззами миллати тоҷикро нисбат ба мардуми хеш ифода намуд.

Татбиқи муваффақонаи тарҳи сулҳи асосгузоштаи Пешвои миллати тоҷик, ки кафили осоиштагиву субот дар Тоҷикистон ва зуҳури пешрафтҳои навин гардид, боис шуд, ки маҳз аз ироди мардуми тоҷик ва тамоми тоҷикон ин андешаи созанда сарчашма гирад, ки бо як дилу як овоз тамоми мардуми тоҷик ва ҳамаи тоҷикони ҷаҳон Эмомалӣ Раҳмонро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат ва тамоми тоҷикони ҷаҳон эълон намоянд.

Ҳамин тавр, фарҳанги сулҳофаринӣ ва талошу пайкорҳои Пешвои муаззами миллат дар эҳёи сулҳу таъмини ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон барои оғози марҳилаи нави тараққиёти иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангиву маърифатӣ роҳ кушод ва кишвари моро дар кӯтоҳтарин фурсат ба давлати соҳиби иқтидорҳои муҳим табдил дода, рӯзгори мардумро саршори шодиву нишот гардонид.

# ТАҲКИМИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН БАРОИ 15 СОЛИ ОЯНДА

**«Кишвари мо роҳи эъмори ҷомеаи ҳуқуқбунёдро интихоб намудааст, ки яке аз ғояҳои асосии он таъмини волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад».**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёдро, ки дар он ҳуқуқҳои инсон мавқеи муҳимро ишғол менамоянд, пеша намуд. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд зинаи муайянкунандаи рушди давлат ва ҷомеаи мустақили Тоҷикистон ба шумор мераванд. Дар моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки: «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд». Ин муқаррарот сониян дар боби 2-юми Конститутсияи мамлакат, ки комилан ба ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст, кушода мегарданд.

Ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷумҳурӣ пайваста қонунгузории амалкунанда такмил дода шуда, санадҳои нави меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа қабул мегарданд. Аз ҷумла, бо сиёсати хирадмандона ва инсондӯстонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои таҳким ва рушди минбаъдаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд кишвар «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми августи соли 2023 тасдиқ шудааст, қабул карда шуд.



Умед МУРОДЗОДА
ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ



Суннатулло АЗИМОВ
ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ

Стратегияи мазкур аз 5 қисм, 53 банд, 8 вазифаи асосӣ (бо дарназардошти 5 принсипи асосӣ) иборат мебошад, ки тамоми паҳлуҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро фаро мегиранд.

Бояд қайд намуд, ки ин иқдоми навбатии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд сариваќтӣ буда, дурнамои алалишаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро барои 15 соли оянда муайян менамояд.

Стратегияи мазкур ҳадафҳои дарозмуддат ва вазифаҳо дар самти ҳуқуқу озодиҳои инсонро муайян намуда, масъалаи таҳияи сиёсати пешрафта ва ягонаи байнисоҳавиро пешбинӣ мекунад, ки ба мустаҳкам кардани ҳимоя ва пешбурди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар кишвар равона карда шудааст. Маврид ба зикр аст, дар доираи ҳуҷҷати мазкур маҷмуи чорабиниҳое пешбинӣ шудаанд, ба рушди минбаъдаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат хоҳад кард.

Яке аз ҳадаф ва мақсадҳои асосии қабули «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038» ҳамоҳанг сохтани фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба амалӣ ва таъмини иҷрои ӯҳдадории байналмилалии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба шумор меравад. Барои ҳавасмандгардонӣ ва ҳимояи самарабахши ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд қабули сиёсат, ташкил ва такмил додани ниҳодҳои давлатӣ ва таҳияи чорабиниҳои маҷмуӣ зарур мебошад.

Дар хусуси баррасии самтҳои асосӣ ва афзалиятҳои дар стратегия зикргардида бояд қайд намуд, ки стратегияи мазкур аз 20 самти асосии фаъолият иборат буда, баррасии тадбиру меъёрҳое, ки барои ҳифзи ҳуқуқи инсон дар ҳар як самт пешбинӣ шудаанд, доираи амалишавии стратегияро муайян менамоянд. Стратегияи миллӣ ҳамаи нақшаҳои миллии мавҷуда ва қабулшаванда оид ба тавсияҳои ниҳодҳои СММ оид ба ҳуқуқи инсон ва ҳуҷҷатҳои дигарро дар самти ҳуқуқи инсон ҳамоҳанг карда, механизм ва расмиёти иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалиро дар самти ҳуқуқи инсон такмил медиҳад.

Ҳамин тавр, иброз намудан лозим аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ки ба зиммаи худ гирифтааст, аҳаммияти калон дода, оид ба таҳияи сиёсат дар соҳаи ҳуқуқи инсон, мутобиқсозии қонунгузории кишвар ба стандартҳои байналмилалӣ кӯшишҳо анҷом медиҳад ва ислоҳоти низоми давлатиро бо истифода аз муносибатҳои ба ҳуқуқи инсон асосёфта мегузаронад. Қабули Стратегияи мазкур бошад, ба ташаккули муносибати эҳтиромона ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва таҳкими минбаъдаи нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ мусоидат хоҳад кард.




# ИСТИҚЛОЛИЯТ – МАСИРЕ БАРОИ РАСИДАН БА ҲАДАФҲОИ БУЗУРГ

**Саидмуҳаммад ҚОСИМЗОДА**
**донишҷӯи соли 2**



32 - сол муқаддам, яъне 9 сентябри соли 1991 муҳимтарин воқеаи таърихии сарнавишти миллати тоҷик ба вуҷуд омад, ки онро мо истиқлолият ном мебарем. Аз ҳамин лаҳза, то имрӯз ин санаи муборак барои миллати тоҷик ҷашни муқаддас махсуб меёбад. Ин неъмати бузург баробари ба даст овардан нуру зиё, меҳру вафо, ободиву озодӣ, ҳамфикриву ҳамзистӣ ва осоиштагиро ба мардуми тоҷик овард.

Истиқлолият зиндагии нооромии мо мардуми тоҷикро ба манзараи рангорангу дилфиреб ва ватани азизамонро ба як макони беназир, бемислу монанд ва макони сайёҳони хориҷӣ табдил дод.

Дар ин масири осоиштагӣ ва мустақилият моро зарур аст, ки ба қадри ин ҳама ғамхориҳои ҳукумати кишвар расида, дар ин сарзамини сулҳофарину соҳибистиқлол бо сари баланд, бо дониши хубу аъло таҳсил намуда, ҳамеша дар ободиву озодии ин сарзамини биҳиштосову соҳибистиқлол кӯшиш намоем.

**Хусрав РАҶАБЗОДА**
**донишҷӯи соли 3**



Ҳар як миллату давлат дорои арзишҳои муқаддасӣ хеш мебошад. Тоҷикон ва мардуми Тоҷикистон низ аз ин неъмат бархурдоранд, ки онро истиқлолият гуфтан имконпазир аст. Аз замони расидан ба истиқлолият ҳамчун арзиш басо пуркиммат то ба ҳол 32 сол сипарӣ мегардад, ки назди таърих ин марҳилаи на онқадар дароз аст. Хушбахтона, дар ин марҳилаи кӯтоҳ миллати тоҷик соҳиби давлати миллӣ гардида, дар кишвар ободию осудагӣ таъмин гардид. Ҳамин аст, ки мо озодона ба муассисаҳои таълимӣ дохил шуда, бо хотирҷамъӣ дар онҳо таҳсил намуда, донишҳои худро сайқал дода, баъди хатм масъулияти худро дар назди давлату миллат иҷро хоҳем кард. Ин аст самараи истиқлолият барои як донишҷӯ.

**Муҳаммад ЮНУСЗОДА**
**донишҷӯи соли 2**



Ҳамчун як донишҷӯи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бо як эҳсосу эҳтиром ибрози андеша менамоям, ки Истиқлолияти давлатӣ барои ҳар як сокини мамлакат, аз ҷумла мо донишҷӯён муқаддас ва арзишманд мебошад. Зеро, маҳз ҳамин истиқлолу озодӣ, суботу оромӣ дар мамлакат таъмин аст, ки мо метавонем, ба таври зарурӣ дошниш омӯхта, нақши худро дар амалигардонии сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат ва рушди давлатдории миллӣ гузорем.

Имрӯз дар мамлакат фазои озод ва шароитҳои зарурӣ барои аз худ кардани тамоми илмҳои лозимӣ муҳайё гардидааст. Аз ин рӯ, аз ҳар як фард вобаста аст, ки кадом роҳро интихоб мекунад. Оё илм меомӯзад, маънавияти худро ғанӣ мегардонад, як фарди лозимӣ барои ҷомеа гардида, дар амалигардонии ҳадафҳои бузурги миллӣ ва шахсӣ саҳмгузор мегардад ва ё тарки ин амалҳо карда, рӯ ба истифодаи телефону шабакаҳои иҷтимоӣ карда, вақти пурқиммати худро сарфи амалҳои беҳуда менамояд.

**Муҳаммадҷон БАРОТОВ**
**донишҷӯи соли 2**

Андешаи ман роҷеъ ба моҳияти истиқлолият дар он аст, ки воқеан



ин арзиши ноёб, ки насиби миллати мо гардидааст, ба худ муҳиммияти хосро соҳиб аст. Чунки сарчашмаи тамоми ҷашну идҳо, комёбиҳо ва муваффақиятҳои миллӣ махсуб ёфта, асоси оромии ҷисмонӣ ва равонии ҳар як шаҳрванд дониста мешавад.

Ҳамчунин, бо расидан ба истиқлоли миллӣ кишвари мо ба таври мустақил дар амалигардонии мақсадҳои стратегии худ дастболо гардида, дар сатҳи байналмилалӣ мақому мартабаи хосро соҳиб гардид.

Маҳз ин нуфузу эътибор имконият медиҳад, ки кишвари мо ба раванди амалигардонии сиёсати ҷаҳонӣ ворид гардида, нақши худро дар таъмини суботи сиёсии мамлакатҳои ҷаҳон гузорад.